## АФСАР САРМАД

# САВТИ ИСТИҚЛОЛ

Душанбе
«Адиб»
2011

*Ба хотираи модари зиндаёдам*
*БИБИШАРОФАТ*

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-35

Муҳаррир *Гурез Сафар*

С-21 **Афсар Сармад. Савти Истиқлол** *(маҷмӯи шеърҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2011, 208 саҳ.

«Савти Истиқлол» нахустин маҷмӯаи Афсар Сармад буда, аз шеърҳо ва манзумаҳо иборат аст. Муаллиф эҳсоси дилашро дар мавзӯъҳои гуногуни зиндагӣ бо қолаби назм самимона изҳор кардааст.

ISBN 978-99947-2-129-0

© Афсар Сармад, 2011

# БА ҶОИ ПЕШГУФТОР

Афсар Сармад иқтисодчӣ буда, аз рӯи ихтисоси худ пурсамар фаъолият дорад. Ин дилбастаи адабиёт дер боз шеър мегӯяд. Намунаҳои эҷодаш дар рӯзномаҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ борҳо ба табъ расидаанд.

Афсар ин бор шеъру манзумаҳои худро дар шакли китоби алоҳида бо номи «Савти истиқлол» пешкаши Шумо, хонандагони арҷманд, мегардонад. Ӯ аз пешаи пурзаҳмати суханварӣ огаҳӣ дошта, мекӯшад, ки дар ҳар шеъру манзума сухани тозаи худро гӯяд. Вай то кадом дараҷа ба ин муваффақ шудааст, худ хонда баҳо медиҳед. Фақат гуфтанием, ки дар навиштаҳои Афсар байту бандҳои хотирмон кам нестанд. Дар мавзӯъҳои муқаддас ва ҷовидонии адабиёт дар шаклҳои гуногуни шеърӣ бо самимият сухан гуфтааст. Ҳамин ҷиҳати ашъораш моро ба комёбиҳои ояндааш умедвор мегардонад.

Бовар дорем, ки минбаъд бисёртар меомӯзад, таҷрибаи кофӣ ҳосил мекунад ва моро бо навиштаҳои тозааш шод менамояд.

*Сайидалӣ МАЪМУР,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

## САВТИ ИСТИҚЛОЛ

Баъди поши Шӯравӣ ҷумҳурҳо
Гашта қисмат ҳар як аз ҳам шуд ҷудо.
Кишвари мо дар ҳамон солу замон
Сӯи истиқлолу ободӣ равон.
Соли наваддуми он асри куҳан
Тира гардидӣ дару боми Ватан.
Абри тира хира кард арзу само,
Гӯӣ андар сарзамин омад вабо.
Бар диёри хурраму ин шаҳри ман
Ҷанги қисматсӯз овард аҳриман.
Як тараф буд ҷои фарзанди падар,
Зидди ӯ бар каф камон чанди дигар
Гашта буд аз ин яке гумкардароҳ,
Шуд ҷавонмарг он дигар бас бегуноҳ.
Тӯъмайи ҷанги бародаркуш бишуд,
Вақти душманҳояш аз ин хуш бишуд.
Аҳриман дар қалби ӯ пурҷӯш буд,
Оташи сӯзи дилаш хомӯш буд.
Аз барои ваҳдату иқболи мо
Бар диёри тозаистиқлоли мо
Бо сафои ваҳдату сулҳофарин
Зери гардун, зери ин чархи барин
Чеҳраи фарзанди Раҳмон шуд зуҳур,
Файзи истиқлол кард ин хона пур.
Ӯ натарсида зи ҳар тиру туфанг,
Бар дифои миллаташ омад зи нанг.
Бо бақои фарди нусратофарин
Сулҳ омад бар диёри нозанин.
Доимо бошад саломат, сарбаланд,
Номи ӯ бошад ба олам бегазанд.
Ваҳдату иқбол бар мо ёр шуд,
Шодию хурсандии бисёр шуд.
Сулҳу пирӯзӣ атое аз Худо
Дар фазои кишвари зебои мо.
Нусрати авлоди Сомон карда ёд,

Пури Раҳмонро барӯмандӣ бидод.
Сулҳу пирӯзӣ фараҳбахшанда шуд,
Аҳриман дар мулки мо шарманда шуд.
Роҳи таърих аст пуршебу фароз,
Тоҷиконро буда бас дуру дароз.
Бист соли гирумону дорҳо,
Пуртазоду сад ҳазор асрорҳо.
Бист соли мустақили тоҷикон,
Халқи тоҷик шӯҳра шуд рӯи ҷаҳон.
Савти озодӣ муборак, ҳамватан,
Дар фазои кишвари зебои ман.
Мустақилӣ бахти некӯ оварид,
Кишвари моро чи нерӯ офарид.
Бист соли саъю иршоду талош
Баъди ҷанги хонасӯзу дилхарош.
Тоҷики ман баста мустаҳкам камар,
Гашта машҳури тамоми баҳру бар.
Даври рушди кору ҳам афкорҳо,
Тарки мо кард он ҳама душворҳо.
Бо талоши тоҷики фархундарод
Сулҳу озодию ваҳдат дар ниҳод.
Рафта аз мо соли наҳсу соли ғам,
Мардуми тоҷик зи нав омад ба ҳам.
Сулҳу пирӯзӣ биомад бар Ватан,
Мардуми тоҷик бишуд як ҷону тан.
Шонздаҳумин маҷлис андар парлумон
Шуд замина бахри сулҳи тоҷикон.
Бахту истиқлоли тоҷик зинда бод,
Кишвари мо то абад поянда бод.
Бошад истиқлоли кишвар ҷовидон,
Мекунам табрики ҳар пиру ҷавон.
Зиндаю поянда бодо кишварам,
Миллати доною фарҳангофарам.
Кишваре, ки қудраташ боло гирифт,
Ҷашни Фирдавсию Мавлоно гирифт,
Рӯдакиро буд ҷашне бошукӯҳ,
Ҳам Имоми Аъзами болидарӯҳ.

Ҷовидон бошад забони модарӣ,
Ваҳдату созандагӣ, сулҳофарӣ.
Рӯзу шаб Сармад намояд ин дуо,
Илтиҷо дорам зи даргоҳи Худо.
Зинда бодо шӯҳрату иқболи мо,
Сарзамини соҳибистиқлоли мо.

## НАВРӮЗИ ИСТИҚЛОЛ

Барфу сардиҳо ба итмом омада,
Булбули хушхон ба илҳом омада.
Омада бо ҳусни некӯ навбаҳор,
Бар фазои мулки ин хуррамдиёр.
Дашту саҳро гашта сарсабзу кабуд,
Шаҳру деҳа хушҳавою хушнамуд.
Бистумин Наврӯзи Истиқлоли мо,
Омада ҳоло ба истиқболи мо.
Бо фазои ваҳдату сулҳофарин,
Омадаст имрӯз бар ин сарзамин.
Дар чунин айёми фасли навбаҳор,
Кӯдакон бишкуфта мисли лолазор.
Пиру барно чеҳрахандон омада,
Гӯӣ Юсуф сӯи Канъон омада.
Рӯзи Наврӯз аз ниёгони ман аст,
Ифтихору шӯҳрату шони ман аст.
Марҳабо, эй навбаҳорон марҳабо,
Бар канори Тоҷикистонам биё.
Ҳамраҳат орӣ ба мо файзу сахо,
Зиндагонии пур аз меҳру вафо.
То шавад зебою хуррам кишварам,
Тоҷикистон кишвари ман, модарам.
То ба сӯи қуллаи фатҳи мурод,
Фатҳу нусратҳои мо поянда бод.
Чеҳраи деҳқон диҳад рахшанда нур,
Аз тани деҳқон бигардад дард дур.
Ҷашни Наврӯз, иди шодию тараб,
Мардумон яксар табассумҳо ба лаб.

Ин Ватанро ман чу як ҷону танам,
Муждаори ҷашни Наврӯзӣ манам.
Дӯстони ҷонӣ аз наздику дур,
Бод табрик иди шодию сурур.
Гуфта Сармад ин муборакбодҳо,
Бахти некӯ хоҳад аз баҳри Шумо.
Бар Шумою баҳри ин мулку диёр,
Бар тамоми мардумон, хурду кибор.
Ҳамватан, Наврӯзи нав фархунда бод,
Тоҷикистон то абад поянда бод!

## ВАТАН

Гар равӣ бар водии Рашту Зарафшон,
Ё ба сӯи Вахшу Хатлону Бадахшон.
Ҳар куҷо кӯҳе бубинӣ кам – каму бисёр – бисёр,
Сангдору кӯҳсорон – сарзамини Тоҷикистон.

Гарчи алъон сарзаминаш кӯҳсор аст,
Халқи тоҷик пойдору устувор аст,
Байни Рраштону Зарафшону Бадахшон
Роҳи нав бикшода бе ҳадду канор аст.

Гарчи қисмат кардаанд он сарзамини бостонаш
Душманони аҷнабӣ, фарзандҳои баднишонаш.
Гарчӣ ин камбихрадон тақсим карданд ин Ватан.
Кай шикастан метавонанд ин замину остонаш.

Гарчи алъон сарзаминаш кӯҳсор аст,
Халқи тоҷик пойдору устувор аст,
Байни Раштону Зарафшону Бадахшон
Роҳи нав бикшода бе ҳадду канор аст.

Бо талошу заҳматаш фарзанди Раҳмон
Роҳи нав бикшод бас дар Тоҷикистон.
Роҳи Ваҳдат, роҳи дилҳо, роҳи пайванди башар,
Роҳ дорад кишвари мо дар ҳама халқи ҷаҳон.

Гарчи алъон сарзаминаш кӯҳсор аст,
Халқи тоҷик пойдору устувор аст,
Байни Раштону Зарафшону Бадахшон
Роҳи нав бикшода бе ҳадду канор аст.

Кишвари ман Тоҷикистон боз эҳё мешавад,
Сарзамини бостонаш боз якто мешавад.
Рашту Хатлону Бадахшону Хуҷанду ҳам Ҳисор
Чун Самарқанду Бухоро боз зебо мешавад.

Гарчи алъон сарзаминаш кӯҳсор аст,
Халқи тоҷик пойдору устувор аст,
Байни Раштону Зарафшону Бадахшон
Роҳи нав бикшода бе ҳадду канор аст.

## ТОҶИКОНИ ҶАҲОН

Баъди давлатдорании он Оли Сомон,
Миллати тоҷик ҷудо шуд аз макон.
Ҳиссае дар мулки афғон ҷо гирифт,
Ҳиссае бо сад алам дар мулки Ирон,

Як гурӯҳе дар ғарибӣ кӯй бигрифт,
Қисми дигар монд дар мулки Хуросон.
Бо ҳама неку бадии зиндагонӣ
Он накард ин тоҷики манро ҳаросон.

Миллати тоҷик давлатдор гардид,
Насли Раҳмонӣ ба он сардор гардид.
Тоҷики кулли ҷаҳон бо ҳам биёвард,
Бахту шодию фараҳ бисёр гардид.

Файзи истиқлолу бахти тоҷикона
Тоҷиконро кард машҳури ҷаҳонӣ.
Хизмати шоистаи марди хирадманд,
Кард аз нав номи тоҷик ҷовидонӣ.

Тоҷики рӯи ҷаҳонро ҷамъ овард
Аз барои анҷуман дар Тоҷикистон.
Ҷамъ шуд тоҷик аз кунҷу канора
Дар Душанбе, пойтахти бахту армон.

## ТОҶИКИСТОН

Ҳар қатраи оби Тоҷикистон,
Чун марҳами ҷони пурҷилояст.
Ҳар зарраи хоки Тоҷикистон,
Хушбӯю базебу дилрабояст.

Покизаву софу нуқрафом аст,
Обаш ба канори ҷӯйборон.
Сарсабзу базебу махмалин аст,
Гулҳош шукуфта дар баҳорон.

Он мардуми дилкушоди тоҷик
Ҷонаш бидиҳад барои меҳмон.
Бе кина бувад дилаш ҳамеша,
Як умр ба хешу дӯст пазмон.

Асрори куҳан ба халқи кишвар
Ганҷест зи Ориёни дастон
Ҳарчанд диёри кӯҳсорӣ,
Ҳастӣ ту хуҷаста, Тоҷикистон.

Аз файзу шукӯҳи нури Раҳмон
Аз нав бишукуфтӣ дар баҳорон.
Ҳам Сармади ту кунад талоше,
То ки шавӣ боз ҳам гулафшон.

Ин арзу само чӣ бекарон аст,
Ҳастӣ ту азизи ҷон, Ватанҷон.
Зебо ватане надидаам ман
Дар даҳр мисоли Тоҷикистон.

## ПАРЧАМИ ТОҶИК

Аз Хуҷанди Бостон то қуллаи боми ҷаҳон
Медурахшад парчами зебои тоҷик парфишон.
Чун нишони ҷовидони якдилию хуррамӣ
Медурахшад шӯълаафшон дар диёри тоҷикон.

Мехурад алвонҷ аз шаббодаи дарёву бод,
Медурахшад партавафшон рӯҳи моро карда шод.
Рангҳои ҷовидонаш дода бар дилҳо умед,
Медиҳад бар мо ҳидоят баҳри фардо шодбод.

Ранги сурхаш чун нисори ҷон барои иттиҳод,
Бахту иқболу саодат, покномӣ аз сафед.
То ки бошад сабзу хуррам ин диёри тоҷикон,
Медурахшад ранги сабз аз партави нури умед.

То ки бошад иқтидори кишвари ман ҷовидон,
Кишвари зебою хуррам, сарзамини тоҷикон.
Аз дилу ҷон пиру барно меҳнати шоён кунад,
Номи тоҷик мешавад машҳур дар рӯи ҷаҳон.

## МЕҲРНОМА

*Илҳом аз мурочиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон аз 5 январи соли 2010*

Гиромӣ, ҳамватан, ҷадди шарафманд,
Падар ҳам модару ҳам нек фарзанд,
Бародар, хоҳарону ҳамдиёрон,
Ҳама хурду калони Тоҷикистон.
Гузашта солу омад соли дигар,
Барои кишвари мо нусратовар.
Марому нақшаи созанда дорем,
Чунин як кишвари поянда дорем.

Ки бо ҷаҳду талоши беназире
Намуда кори неку дилпазире,
Мақоми иқтисодию сиёсат
Диҳем аввал нумӯ мо бофаросат.
Чу номуси баланду нанг дорем,
Ки рӯ бар ҷониби фарҳанг дорем.
Намуда ҳифз миллатро асолат,
Бувад аз мо барои он кафолат.
Ҳифозат аз мақоми иҷтимоӣ,
Ҳам истиқлолии равшаннамоӣ.
Ба фатҳи инҳисори хатти қисмат
Бубаста мо камар бо зӯру ҳиммат.
Дар ин кори накӯ бошад баробар
Муҳим кори дигар низ, эй бародар.
Бинои нақбу пул, ҳам роҳи мошин,
Ривоҷу равнақи фарҳанги пешин.
Чу хатти интиқоли барқ обод
Шавад, дилҳои моро мекунад шод.
Бидонӣ ту, дар он айёми пешин,
Зи тақдиру зи душманҳои кешин.
Ба дӯши халқи мо таъриху тақдир
Бимонда имтиҳони талхи тазвир.
Валекин тоҷики роду диловар,
Сухансолору ҷуду Ваҳдатофар.
Ба зӯру қудрату тобу тавонаш
Супурда сарбаланд ин имтиҳонаш,
Ҳама ин аз марому иттиҳод аст,
Зи аҳлию тифоқию субот аст.
Чу соли наввади асри гузашта
Зудуда аз дили миллат нагашта.
Барои миллати мо дошт таҳдид
Футури миллати тоҷик аз ин дид.
Валекин миллати роду хирадманд
Ба зидди аҳриман чоҳи аҷал канд.
Ба ин шуд раҳнамо ақлу заковат
Ба Ваҳдат ҳам ба Сулҳи босаховат.
Ҳама мо яксухан, якҷону яктан
Ба садҳо боварӣ бар халқу Меҳан.

Ҳама созем мо ин НОБ-и Роғун,
Бино бинмуда садди оби Роғун.
Адибон, олимон, ҳам аҳли эҷод
Ҳама аҳли зиё – қавми Худодод,
Занону модарони олиҳиммат,
Зи аҳзобу ҳам аз мардони миллат.
Ҷавонони ғаюр, мардони оқил
Шавем охир ҳама ҳамҷону ҳамдил.
Ки гашта дарси ибрат дигаронро,
Ба нанг оварда нусратоваронро.
Ниҳода саҳми худро мо ба Роғун,
Нишоту шодмонӣ карда афзун.
Аё эй тоҷирони олиҳиммат,
Сахию саҳмдореду баҳиммат.
Фароҳам карда ҷоҳои нави кор,
Гузоред аз карам саҳми сазовор!
Аё эй ҳамдиёри Ориёфар,
Ки дорӣ зиндагӣ берун зи кишвар.
Агарчӣ бошӣ ту бас дур аз мо,
Ниёву мому аҷдоди ту ин ҷо.
Туро ин хоки пок, эй ҷон, Ватан ҳаст,
Ба мисли гавҳару чун ҷону тан ҳаст.
Бишав бар номи неки он сазовор,
Барои равнақаш саҳме ту бигзор.
Туро оранд бо кори накӯ ёд,
Шавад рӯҳи ниёгонат аз ин шод.
Аё эй ҳамватан, эй ҳамдиёрон,
Азизону абармардони даврон
Ва эй оне ки бонангӣ дар ин кор,
Кунам бо итминони комил изҳор.
Нишони Ваҳдату Сулҳу Амонӣ,
Кафили хуррамии зиндагонӣ.
Бувад имрӯзу фардои фаровон
Зи файзи Роғуну дурдонаи он.
Бимонад аз ману ту то ба фардо
Ба фарзанду набера Роғуни мо.
Бувад моро Ватан ин Тоҷикистон,
Бувад як пораи Шарқи куҳан он.

Зи Роғун давлату ободии мо,
Бувад сарсабзии имрӯзу фардо.
Кафиле баҳри фардои дурахшон,
Ватанро мекунад Роғун зарафшон.
Зи Роғун манбаи нуру сахо аст,
Ба мисли ахтари доимшуо аст.
Диҳад нуру зиё ҳар рӯзу ҳар шаб,
Кунад ҳар нотавонбин нолаву таб.
Тараққӣ мекунад аз вай саноат,
Кишоварзӣ кунад бо ин қаноат.
Бидон инро ҳаме, эй марди ориф,
Ки он рушду таконбахши маориф.
Нишони илму фарҳангу маонӣ,
Бувад сатҳи баланди зиндагонӣ.
Биёрад шодӣ бар ҳар пиру барно,
Ба бемору ятиму фарди танҳо.
Ба соҳоти муҳимми ичтимоӣ,
Бувад он манбаи равшаннамоӣ.
Касе бигзошт саҳми худ ба Роғун,
Савоби дафтари аъмолаш афзун.
Чу як фарзонае фарзанди модар
Намояд пуштибонии бародар.

* * *

Бидода Худованд имкон ба мо,
Чунин гуфта буд он Расули Худо.
Ватан баҳри мо модару ҳам падар,
Намо ҳиммату шав зи он баҳравар.
Ватандорию ҳиммат афзун намо,
Зи сахтию зулмат ту бинмо раҳо.
Намо гулшукуфону зебо диёр,
Шукуфову обод мисли баҳор.
Муҳаббат ба Меҳан чу имони мост,
Ҳаме ин сухан аз Расули Худост.
Умеди дигар кас набояд кунем,
Ватандорҳоро ҳидоят кунем.
Чаро ки Ватан аз ману аз Шумо,
Шукӯҳу ривоҷу нумӯяш зи мо.

Насозем агар мо, кӣ созад ба мо?
Ба фардо кӣ созад ҳифозат зи мо?
Ватан аз ману мову тақдири он,
Ва ҳомӣ шавему тарафгири он.
Ба аҳлона меҳнат ҳама хосу ом
Ба мерос монда аз ин нангу ном.
Барои ривоҷаш чу саҳмоварем,
Ҳама меҳри дилҳо ба Роғун барем.
Бароят, аё миллати сарфароз,
Ба даргоҳи Яздон барам сад ниёз.
Бубахшад кушоиш ба кори савоб,
Ба нусрат ва фатҳаш диҳад ӯ ҷавоб.

* * *

Расида фурсати нек, эй Ватандор,
Ватанхоҳу Ватанпарвар, вафодор,
Ту ҳастӣ ворисе аз Ориёно,
Зи Фирдавсию Хайёму зи Сино.
Камолу Хусраву Саъдию Ҷомӣ,
Зи Ҳофиз, Рӯдакӣ, Мавлои номӣ.
Ҳама фарзонаҳои миллати мо,
Дуру дурдонаҳои миллати мо.
Зи рӯҳи бешикасти Испитомон,
Абӯмуслиму Восеъ, Оли Сомон.
Зи рӯҳи сад ҳазорон родмардон,
Чу Деваштич ҳама мардони майдон.
Биёмад озмоиш, нек бингар,
Туӣ, к-аз ворисони Ориёфар.
Имоми Аъзами мо буд муаллим,
Зи тадрисаш Бухорӣ гашта олим.
Ки мо ҳастем ақвоми мусулмон,
Ватандорему бофазлу баимон.
Бақои мо бувад аз ҳастии он,
Барояш ҷону дил созем қурбон.

* * *

Бишнав аз ман ин суханҳо ҷони ман,
Ҳастии ман, фахри ман, имони ман.

Зиндагонӣ бигзарад бо неку бад,
Кори неку хайр монад то абад.
Мо шавем ар якдилу якҷону тан,
Мешавад ободтар фардо Ватан.
Ҳамдиёрони шарифу сарбаланд,
Тоҷики озодамарду дилписанд.
Равнақу ободии ин шаҳри мо,
Амри қисмат бошадо аз баҳри мо.
Баҳри ободии ин мулку диёр,
Бо камоли хуррамӣ, бо азми кор.
Карда бас бунёд мо ин кохи нур,
Рӯзи хурсандӣ начандон аст дур.
Мерасад рӯзе, ки гардад пурҷило,
Аз зиёву партави Роғуни мо
Парчаму он тоҷи нусратофарин,
Партавафшонӣ кунад рӯи замин.
Эй накӯфарзанд, додар, хоҳарон!
Ҳам падар, ҳам модарони меҳрубон!
Миллати бо нангу ору тоҷдор,
Ҳастӣ ту бо иффату пурифтихор.
Миллати соҳибмакону арҷманд,
Тоҷики бо нангу ору сарбаланд.
Вақти ору лаҳзаи нанг омадаст,
Тирагиро ин замин танг омадаст.
Карда бо номи накӯ кори дигар,
Ғайрату ҳиммат намо бори дигар.
Миллати ҳимматбаланду номдор,
Сарфарозу сарбаланду тоҷдор.
Вақти кору вақти меҳнат омадаст,
Вақти ҳифзи номи миллат омадаст.

* * *

Аё фарзонагони миллати ман,
Шукӯҳу ифтихору давлати ман.
Ба номи ин Ватан умре сазовор,
Худо доим бувад ёру мададгор.
Аё Парвардигоро, Шоҳи олам,
Магардон бенаво фарзанди одам.

Бидеҳ иқболи некӯ тоҷиконро,
Ҳама фарди азизи ин маконро.
Бикун хушбахтию хушрӯзӣ арзон,
Ҳам аз ганҷу ҳам аз илми фаровон.
Дуоям мустаҷо гардон, Худоҷон,
Барои аҳлу байти Тоҷикистон.

## РОҒУННОМА

I

Тоҷикистон, мазҳарам, ҷону дилам,
Хонадону боғу роғу манзилам.
Менависам ин суханҳо баҳри ту,
Нисбати деҳоту кӯҳу шаҳри ту.
Сарзаминат гарчи буда, кӯҳсор,
Сабзу зебо сарзамини обшор.
Кӯҳҳо бо қуллаҳои босубот,
Пурҷило аз тобиши борону бод.
Рӯди масти бехабар аз гиру мон,
Шӯху бепарво ба маҷрояш равон.
Мавҷи обаш бо хурӯшу бо ғурур,
Форам овозаш расад аз роҳи дур.
Вахши саркаш доимо андар шитоб,
Суфта бас харсангҳо аз нақши об.
Мерасад маҷрои он то дури дур,
Одамонро медиҳад бас файзу нур.
Дар сари мо солу маҳҳои ахир,
Зулмате чун нотавонбину фақир.
Гашта меҳмон бас ба ин мулки азиз,
Тирагию сардӣ аз он бетамиз.
Мардумат ҳар рӯзу шаб андар дуо,
Эй Худоё, бишнав ин овои мо,
Тирагиро дур кун аз шаҳри мо,
Ин дуои мо намо ту мустаҷо (б).

* * *

Файзи Раҳмонӣ ба мулки мо бирехт,
Зулмати малъун ба дуриҳо гурехт.

Чун дуои мардумат шуд мустаҷоб,
Гашт эҳё кори Роғун бо шитоб.
Саҳми худро карда эҳдо баҳри он,
Банд карда пеши ин Вахши равон.
Садди Роғун садди чиноӣ шавад,
Иқтидору ҳам тавоноӣ шавад.
Баҳри ободии ин мулку билод,
Баста мустаҳкам миён бо иттиҳод.
Бо талоши тоҷики фархундафар
Менамояд руд маҷрояш дигар.
Бо садои ғурриши путку чакуш
Арсаи мардонагӣ андар хурӯш.
Вахш бо тарҳи дигар маҷро гирифт,
Меҳри дилҳо дар дили мо ҷо гирифт.
Тирагӣ аз кишвари мо дур бод!
Хонадони мо зи нав пурнур бод!
Заҳмати фарзанди тоҷик бешумор,
З-ин намояд Тоҷикистон ифтихор.
Қиссаи Фарҳоду Ширин солҳо
Рафта буд аз ёду аз дилҳои мо.
НОБ-и Роғун карда эҳё, менигар,
Қиссаи Фарҳоду Ширини дигар.

* * *

Аз насими тозаи файзи саҳар
Парчами зебои кишвар ҷилвагар.
Бод бар мо муждагонӣ медиҳад,
Мужда аз ин қаҳрамонӣ медиҳад.
Мардуми олам шунид ин хушхабар,
Шӯҳраташ овоза шуд дар баҳру бар.
Заҳмати фарзанди тоҷик шуд зуҳур,
НОБ-и Роғун медиҳад пайваста нур.
Дар китоби қисмати халқу Ватан,
Тоҷикистон кишвари зебои ман,
Сафҳае бо сатри заррин боз кард,
НОБ-и Роғун кори худ оғоз кард.
Ин ҳикоят сабт бод аз номи ман,
Дар китоби зиндагонии Ватан.

II

Кунам ҷонро фидо бар ҷони тоҷик,
Зафарманду барӯмандони тоҷик.
Аё эй коргар, фахру мани ман,
Туӣ эҷодгар дар Меҳани ман.
Зи сангу обу хоку чанги Роғун
Бигашта чеҳраат пурнуру гулгун.
Ту тоҷикқаҳрамон, Фарҳоди даврон,
Ҷасуре аз абармардони майдон.
Ватанпарвар туӣ, эй ҳамдиёрам,
Ту ҳастӣ қуввату зӯру мадорам.
Аз он азми накӯе, ки ту дорӣ,
Ба Роғун ҳиссаи худро гузорӣ.
Саворӣ, гӯиё, бар Рахши Рустам,
Надорӣ лаҳзае осоишу дам.
Ба Роғун ҳиссаеро зам бисозӣ,
Шавад халқи диёрат аз ту розӣ.
Барои насли фардои диёрат,
Диёри доимо хуррамбаҳорат.
Гузорӣ ёдгорӣ Баҳри Роғун,
Тамошояш кунад касро чӣ мафтун.
Тамошояш суруру шодӣ орад,
Барои кишварат ободӣ орад.
Чу нури барқ илқо мекунад он,
Хазина пур кунад нақди фаровон.
Чу садди инҳисорӣ дур гардад,
Ҳама пур аз зиёву нур гардад.
Низоми иқтисодӣ мешавад зӯр,
Аз ин ҳар нотавонбин мешавад кӯр.
Низоми содироти барқ афзун,
Ба ҳамсоя диҳем онро ҳам акнун.
Ки он ҳамсоя аз мо интизор аст,
Ба мисли мову ту ҳимматгузор аст.
Агар Афғонситон бошад маконаш,
Валекин тоҷикӣ бошад забонаш.
Чу ҳамсоя бувад ҳамсояро дӯст,
Мадоро бо касони нек некӯст.

Ба ҳам бошем то ёру бародар,
Ба додар додару хоҳар ба хоҳар.

III

НОБ-и Роғун обрӯю шони мо,
Равнақи ояндаи рахшони мо.
НОБ-и Роғун ин сари болои мо,
Ифтихору қудрати волои мо.
Дар бадан дорем агар зӯру тавон,
Саҳм бигзорем мо аз баҳри он.
Баҳри ободии ин хоку диёр,
Ҳар яке бо нангу ору ифтихор.
Лозим ояд санг бо нохун канем,
Баҳри ободонии Роғун канем.
Мо ки ҳастем ориёии баор,
Дар намонем аз ҳама дору мадор.
Каф ба каф бигрифта мо пиру ҷавон,
Баҳри ободии ин кавну макон,
НОБ-и Роғунро чу гардон мекунем,
Тоҷикистон нурборон мекунем.
Саҳми худро мо чу афзун мекунем,
Сарф онро баҳри Роғун мекунем.
То шавад гул-гулшукуфон кишварам,
Кишвари зебову шоирпарварам.
Кишваре, ки нанги ӯ боло гирифт,
Панди пирон, панди Мавлоно гирифт.
Қудрату нерӯи он поянда аст,
Роҳи некӯ ҷониби оянда аст.
Кишваре, ки Оли Раҳмон сарвараш,
Миллати бисёр дорад дар бараш.
Русу тоҷику қазоқу украин,
Кард Роғун ин ҳама бо ҳам қарин.
Бар ба бар истода меҳнат мекунанд,
Меҳнати пуршаъну шӯҳрат мекунанд.
То бино созанд Роғун баҳри мо,
То чароғистон кунанд ин шаҳри мо.
Деҳаҳоро нурбористон кунанд,
Тоҷикистонро баҳористон кунанд.

Тоҷикистон кишвари нурофарин,
Ҷамъ орад тоҷики рӯи замин.
Ҷашну хурсандӣ, тамошоҳо кунем,
Меҳри дил бар якдигар илқо кунем.

* * *

Нест Сармад з-ин ҳама андар канор,
Баста мустаҳкам миён ояд ба кор.
Саҳм бигзорам барои рушди НОБ,
Ҳар ки дорад нанг, бархезад зи хоб.
Зери нурафшон ливои кишварам,
Ман шуморо ҳам ба Роғун мебарам.
То ҳама якҷону дил, яктан шавем,
Қаҳрамони миллату Меҳан шавем.

## ДАЪВАТ

Биё, эй ҳамватан, Роғун бисозем,
Ки мо ҳам саҳми худро ғун бисозем,
Шавад то гулшукуфон Тоҷикистон,
Нишоту шодии афзун бисозем.

Биё, эй ҳамватан, Роғун бисозем,
Ба зери домани гардун бисозем.
Машав мӯҳтоҷ бар ҳар нокасу кас,
Ману ту тоҷики ҳамхун бисозем.

Ману ту тоҷики бо нангу орем,
Азизу зодагони ин диёрем.
Биё, эй тоҷики бо нангу номус,
Ба Роғун ҳиссаи худро гузорем.

Чу Роғун арсаи номусу ор аст,
Барои миллати мо ифтихор аст.
Зи он саҳме, ки бигзорем ҳарду,
Шукӯҳу равнақи зебо диёр аст.

Биё, эй ҳамватан, Роғун бисозем,
Ба рағми зулмати малъун бисозем.
Ки бошад доимо боло сари мо,
Аз ин болобаландиҳо бинозем.

## ДУЭТИ РОҒУН

Аё эй ҳамватан, фасли баҳор аст.
Барои мову ту ҳангоми кор аст.
Агар бошӣ ту бас бо нангу номус,
Ба користони мо авҷу барор аст.
Роғун бисозем,
Мо сарфарозем.
Сомониаслем,
Бо ин бинозем.
Ватанро мо чароғон менамоем,
Зи фатҳу нусрати худ месароем.
Ба зӯри бозую бо ҳиммати хеш
Ба фатҳи қуллаи нав мебароем.
Бо нангу орем,
Аз ин диёрем.
Сомониаслем,
Ҳимматгузорем.
Чу модар мекунам доим дуоят,
Худо бахшад ба ин азмат ҳидоят.
Чароғон мекунам ин кишвари ҷон,
Намоям тӯҳфае ман аз бароят.

* * *

Мо аз бароят шеъре сароем,
Ҷонро фидои модар намоем.
Мо қаҳрамонем, сомониаслем,
Аз ӯҳдаи ҳар коре бароем.
Мо садди Роғун барпо намоем,
Аз инҳисору сахтӣ бароем.
Мо қаҳрамонем, сомониаслем,
Баҳри Ватан мо доим сароем.

* * *

Чу мо толеъбаланду сарфарозем,
Биё бо зӯри худ Роғун бисозем.

## ГИМНИ ГУМРУКЧӢ

Ватан ба мо ба боварӣ
Хазинаю дафина дод.
Ба зиммамон вазифаи
Дифои марзу бум ниҳод.

Хазинаи Ватан пур аст
Зи мақсаду мароми мо.
Барои халқу мамлакат
Ҳамеша эҳтироми мо.

Мароми мо ҳифозати хазинаи Ватан бувад,
Дифои марзи иқтисодию шукӯҳи ин чаман бувад.
Агар қадам ниҳад касе ба қасди бад,
Ба дасти поку номи нек
Ҳифозати Ватан кунем.
Барои амни иқтисодию муҳити зист
Ба ифтихор хизмати Ватан кунем,
Дифоъ зи иқтисоди ин Ватан кунем.
Диёру сарзаминамон
Ба мисли як чаман кунем.

Ба ҳифзи сарҳади Ватан
Ба рӯзу шаб нахуфтаем,
Чу бад назар кунад касе
Ҳама сипар ба тан кунем.

## ИДИ ГУМРУКЧӢ МУБОРАК

Як тараф қочоқчӣ дар гиру дор,
Тоҷири нопоки дигар дар қатор.
Бо фиребу ҳилла мехоҳад барад,
Накди пул бар маблағи сесадҳазор.

Дур кай монад зи чашми заррабин,
Афсари гумрук хабар дорад аз ин.
Дигареро героин бошад ба бар,
Аз пасаш гумрукчӣ бошад дар камин.
Кори гумрукчӣ чунин мушкил бувад,
Чунки сарҳад пур зи чангу гил бувад.
Бар ҳама гумрукчиёни бошараф,
Меҳри ин Модар-Ватан дар дил бувад.
Дар зимистону баҳору тирамоҳ,
Нимашабҳо, нимарӯзону пагоҳ
Иқтисоду амниятро пуштибон
Баста бас пеши раҳи қочоқиён.
То супорандӣ хироҷи мамлакат,
Ҷидду ҷаҳди мо чунин бошад фақат.
То хироҷу боҷ гардад барзиёд,
Мо миёнро баста бас бо иттиҳод.
Гар бигирад кори мо авҷу барор,
Мардуми мо менамояд ифтихор.
То ки бошад аҳли гумрук сарбаланд,
То ки бошад номи гумрук бегазанд.
Карда меҳнат поку некӯ дар умур,
Мо хазина пур кунем аз накду дурр.
Ин суханҳо баҳри ту бошад зи ман,
Иди гумрукчӣ муборак ҳамватан.
Баҳри ободонии кишвар шитоб,
Бар наояд дурри мақсуд аз хароб.

## РӮДАКӢ

Душманаш аз нотавонӣ Рӯдакиро кӯр кард,
Нил бар чашмаш кашида зинда андар гӯр кард.
Кӯр гар карданд чашмаш бенавоёни хирад,
Шеъру абёти худаш бо сад наво ӯ ҷӯр кард.

Гарчи душман нисбати ӯ кинаю бедод кард,
Сарзамину хонадонашро ҳаме барбод кард,
Лек шеъру шоирӣ аз дасти зулм эмин бимонд,
Рӯдакию шеъри ӯро халқи тоҷик ёд кард.

Пайкараш афрохт андар маркази майдони шаҳр,
Гӯиё рӯҳаш биомад андар ин майдону даҳр.
Миллати тоҷик Рӯзи Рӯдакӣ дорад кунун,
Меравад овозаи он бар ҳама хушкию баҳр.

Бӯи ҷӯи Мӯлиёнаш бар Ватан овард Шоҳ,
Шӯҳрату овозаи ӯ рӯи дунёро гирифт.
Сар накард ӯ хам ба назди душманони нобакор,
Гарчи душман мулки Дорою Бухороро гирифт.

Лек монда Рӯдакӣ бо мову дар дилҳои мо,
Шеърҳояш раҳнамою раҳбару ҳампои мо.
Рафт гарчи вақти бисёр аз замону даври ӯ,
Номи неки Рӯдакӣ бошад сари болои мо.

## ДУШАНБЕ

Ту бахти тоҷикони рӯи дунё,
Душанбе, шаҳри дилҳо, шаҳри зебо.
Ба айёми баҳорону зимистон
Аҷаб фархунда ҳастиву дилоро.

Парешонгашта фарзандони ҷонат,
Зи нав шиштанд якҷо гирди хонат.
Чу шаҳри сулҳу осоиш ҳамеша
Дарат боз аз барои меҳмонат.

Душанбе, ту аҷаб шаҳри дилоро,
Азизу ҷону дил ҳастӣ ту моро.
Вазад шаббодаи серун зи рудат,
Ба ёдам оварад бӯи Бухоро.

Душанбе, шаҳри ман, ҷону дили ман,
Макону хонадону манзили ман.
Агарчи дидаам бас шаҳри олам,
Вале меҳри ту дар мағзи дили ман.

## РАҲНАВАРД

Киям дар ин ҷаҳони шӯру савдо?
Манам як раҳнаворд инсони танҳо.
Дар ин вайрона – ғурбатхонаи умр
Бизиям бо умеди рӯзи фардо.

Қалам дар дасту дар дил ормонам,
Ба кору зиндагонӣ дар намонам.
Маро некӯ Ватан, ин Тоҷикистон,
Ҳамеша ҳаст дар вирди забонам.

Агарчи дар давоми умри кӯтаҳ
Накардам кори неке дар гумонам.
Валекин аз барои ин Ватан ман
Шавад лозим, бубахшам ҷисму ҷонам.

## МАН ҶАВОНАМ

Ман нишон аз ориёни бостонам,
Ман давоми зиндагии ҷовидонам,
Гарчи ҳамсолони ман гаштанд бас пир,
Дар талоши зиндагонӣ ман ҷавонам.
Гарчи нисфи умр бигзаштаст, аммо
Ман ҳамон астам, ҳамон астам, ҳамонам.
Зодаи ин марзу буми тоҷиконам,
Ман нишони ориёни рафтагонам.
Ман накардам қаҳрамоние дар ин умри камам,
Миллату Халқу Ватанро посбонам, ҷон ба ҷонам.
Ман Ватанро аз адӯҳояш ҳимоят мекунам,
Бишканам андар Ватан ҳар дам ҳазорон ормонам.
Ман зи оташҳою гулханҳои ноафрӯхта,
Як нишоне аз замони суғдиёни бостонам.
Гар нигоҳи бад кунад душман Ватанро,
Сарзамини ҷон ба ҷонро посбонам, посбонам.

## ФАРХУНДАКЕШ

*Карда ёде аз Хуросони бузурги бостон,*
*Менависам баҳратон ин достони ростон.*

То ҷаҳон ҳаст,
То даме бошад замину осмон,
Ҳар гаҳе, вақти тулӯи офтоб
То бар ғуруб,
Рӯҳи поку номи некаш
Дар дилу дар дидаҳои мардумон
Чун абармарде,
Фидокоре,
Ватандоре
Бимонад ҷовидон,
Ҷовидон...

* * *

Бар Хоҷабаҳовадин анор овардам,
Бар сина ғаме зи ёди ёр овардам.
Манзумаи тозае навиштам ба алам,
Чун дастагуле ба ин диёр овардам.

Наврӯзи баҳор асту ҳавояш сард аст,
Андар дили ман ҳаме фиғону дард аст.
Дар ҳасрати марги Шермарди Панҷшер
Ғам дар диламу ҳамеша рангам зард аст.

Ин модари афғона дилаш ғам дорад,
Дар ҳасрати ӯ фиғону мотам дорад.
Бар ёд расад чу номи Масъуди азиз,
Афроди ҷаҳон ду дидаи нам дорад.

Фасли гули лолаю ҳама дилгир аст,
Зардолуи ғарқи гул чу марди пир аст.
Ин фасли баҳор бас хазонрез шуда,
Бар ҷои суруд бин, садои тир аст.

Ин мулк анорбоғи пургул дорад,
Сад нола ба ғам ҳазор булбул дорад.
Дар домани кӯҳ рӯҳи Аҳмадшоҳаш
Имрӯз фироқи шаҳри Кобул дорад.

* * *

Якмаром Омӯ ба маҷрояш равон,
Пир метобад ба дида ҳар ҷавон.
Ҳар пагоҳӣ мебарояд офтоб,
Одамон бар ҳар тараф андар шитоб.
Марди деҳқон ҷониби саҳро равон,
Кӯдакон бар сӯи мактаб дав-давон
Ҳарчӣ бошад зиндагӣ дорад давом,
Аз паси рӯзӣ равона ҳар қадом.
Рӯҳи Аҳмадшоҳ маҳзун ҳар сабоҳ,
Гӯиё сӯи Ватан дорад нигоҳ,
То даме ки сарзаминаш дар ғам аст,
Модари афғон ба дарду мотам аст.
То даме ки аҷнабӣ ҳоким ба даҳр,
Гашта ноободу вайрон деҳу шаҳр.
То даме ки халқи афғон хору зор,
Рӯҳи ӯ ҳаргиз намегирад қарор.
Як нишоне аз табори Ковиён,
Ҳам давоми таърихи Сомониён,
Баҳри мо буд ҳамзабону ҳамватан,
Як нишоне аз Хуросони куҳан.
Қаҳрамони тоҷику Афғонситон,
Номи Аҳмадшоҳ монад ҷовидон.

* * *

З-он Хуросони бузурги бостон
Сарзамини волидони мо нишон.
Мо зи Балхем, аз Бухоро ё Тахор,
Насли мо як решаю мо як табор.
Ду гурӯҳ биншаста ҳамчун деву дад,
Руди Ҷайҳун карда байни мо чу садд.

Карда қисмат душманони нотавон,
Сарзамини аҳди моро бенишон.
Гар яке он сӯи Омӯ гашта хок,
Дигаре ин сӯи соҳил синачок.
Соҳибӣ бинмуда мулку хонадон,
Решакан карданду ронданд аз макон.
Гар надорӣ роҳате дар хонадон,
Пас чӣ ёбӣ, гар равӣ гирди ҷаҳон.
Гашта мо аз хонадони худ ҷудо,
Пуштибони мо шуда танҳо Худо.
Аждаҳоюю аҳриман андар фазо
Бар сари афғонзамин пур аз қазо.
Ҳокимият карда дар ин сарзамин,
Мақсади нопокашон буд инчунин.
То нагардад сарзамини мо хароб,
Мо бигардонем бар онҳо ҷавоб.
То даме ки қатрае хун дар бадан
Ҳаст моро, ҳифз созем ин Ватан.

* * *

То нагардад сарзамини ӯ хароб,
То раҳонад халқаш аз ранҷу азоб.
Баргирифта ӯ ба каф тиру камон,
Шуд ба халқу сарзаминаш пуштибон.
Болинаш бинмуда тарк аз ному нанг,
Ҷогаҳаш саҳро шуду болин зи санг.
То раҳонад сарзаминаш аз адӯ,
Ҷониби кӯҳу даман оварда рӯ.
Баҳри озодию ҳам сулҳоварӣ,
Халқи афғонро намуд ӯ сарварӣ.
То накӯбад пои нопоки адӯ,
Садди чиние буд андар роҳи ӯ.
Соҳиби воломақоми меҳанаш,
Пуштибон шуд халқи афғон бо танаш.
Хонда аз девони Ҳофиз сатрҳо,
Маснавии маънавии бебаҳо.
Рӯдакию шеъри нобаш раҳнамо,
Доимо буд ҳамраҳи Масъуди мо.

Сураи Қуръон ҳамеша дар забон,
Карда мафтун номи ӯ халқи ҷаҳон.
Бо Ватандорию бо мардонагӣ,
Ҳам вафодорию ҳам фарзонагӣ.
Карда тасхир ӯ худу бегонаро,
Аҷнабию душманони хонаро.
Ӯ бишуд дар ҷанги афғон қаҳрамон,
Номи ӯ машҳур шуд андар ҷаҳон.

* * *

Зиндагонӣ бигзарад бо неку бад,
Некӣ ғолиб мешавад бар деву дад.
Шӯравӣ берун шуд аз Афғонситон,
Ҷои ӯ омад гурӯҳи толибон.
Баъди Шӯро толиб омад бар дараш,
Ҳокими дигар биомад дар сараш.
Беҳ нашуд вазъияти Афғонзамин,
Бад буду гардид бадтар баъди ин.

* * *

Он нишону доғи ҷанги хонасӯз
Кам нагашта аз дили тоҷик ҳанӯз.
Як замоне тоҷики ман хору зор,
Карда буд аз хонумони худ фирор.
Ҷангу гумроҳӣ бисухта хону дар,
Гашта мардум дар балоҳо ғӯтавар.
То биёбад эмин аз ҷанги адӯ,
Ҷониби афғонзамин оварда рӯ.
Мардумаш дар хоки афғон шуд париш,
То биёбад сарпаноҳе баҳри хеш.
Гашта бас овораю нолону зор,
Хастаҳолу тирарӯю дилфигор.
Ҷониби Кампи Сахӣ бигрифта роҳ,
Ӯ бишуд бар тоҷикон пушту паноҳ.
То бимонад тоҷики ман дар амон,
Ӯ бигашта пуштибони тоҷикон.
То нагардад тоҷики ман хору зор,
Ӯ набуд з-ин гиру монҳо дар канор.

Шуд панаҳгоҳе ба онҳо аз бало,
Пуштибон гардида бо амри Худо.
Сӯи душман синааш карда сипар,
Дар шикаст омад адӯ бори дигар.
Аз балою аз қазои душманон,
Гашта буд ҳаммиллати ман дар амон.
Баста мустаҳкам камар ӯ он замон,
Пуштибонӣ карда сулҳи тоҷикон.
Тоҷиконро дида андар деҳи Хус
Карда маслиҳат ҳаме бо марди рус.
Ҷониби ин сарзамин оварда рӯ,
Баҳри тоҷик кори некӯ карда ӯ.
Тоҷиконро буд баски пуштибон,
Монд номаш ҷовидон вирди забон.

* * *

Аз қазо рӯзе адӯи нобакор
Матлабаш гӯё, ки гирад бар навор.
Бо фиребе вориди он хона шуд,
Баъди чанде хона чун вайрона шуд.
Омири Соҳиб ва якчанд афсараш,
Ҷон бидода баҳри ӯ андар бараш.
Гашта Аҳмадшоҳ маҷрӯҳ ин сафар,
Дар ҷаҳон овоза гардид ин хабар.
Ҷаҳду кӯшишҳо ҳама шуд бар абас,
Мурғи рӯҳаш шуд ба парвоз аз қафас.
Дода ҷонаш ӯ бар он Ҷонофарин,
То абад рафт ӯ аз ин чархи барин.
Дар дили мо монда пур андӯҳу дард,
Тарки мо бинмуда он озодмард.
Рафту дар дилҳои мардум ёд монд,
Аҳлу фарзандони ӯ ношод монд.
Рафтанаш оварда бар дилҳо алам,
З-ин ҳаводис ашк мерезад қалам.
Қаҳрамони миллати мо дода ҷон,
Ёру хешонаш бишуд андар фиғон.
Модари афғон зи ҳиҷраш синасӯз,
Ҳасрати ӯ дар дилаш то бар ҳанӯз.

Гарчӣ рафт аз мою бар мо ёд монд,
Шаш нафар фарзанди ӯ ношод монд.
Гарчи рафта Шери майдон аз ҷаҳон,
Номи ӯ лекин бимонад ҷовидон.
Алвидоъ, эй Шоҳ, эй Шери жаён,
Номи некат доимо вирди забон.

* * *

Хомуш аст арчи нишемангоҳи ӯ,
Дар фироқаш дарду ғам андар гулӯ.
Чун сукути қуллаҳои Ҳиндукуш,
Синаҳо пур аз ғаму лабҳо хамӯш.
Қуллаҳои Ҳиндукуш дар мотам аст,
Гӯиё кӯҳпора не, кӯҳи ғам аст.
Аз бараш анвори нури офтоб,
Сӯи «Хилватгоҳи нур» дорад шитоб.
Ин муҳите чун биҳишти кибриё,
Рӯҳи покаш менамояд сӯи мо.
Дар бараш як махзани пур аз китоб,
Таъриху ҷуғрофиёю шеъри ноб
То абад чун ахтару моҳи мунир,
Чун фурӯғи марқади Шоҳи кабир
Дар мазораш доимо тобанда бод,
Номи Масъуд то абад поянда бод.
Қаҳрамониҳои ин фархундакеш,
Дода аз баҳри Ватан ӯ ҷони хеш.
Ҷовидонӣ дар дили ҳаммиллатон,
Дар забони мардуми кулли ҷаҳон
Ҳамчу як шаҳбози кӯҳҳои баланд,
Номи неки ӯ бимонад бегазанд.

* * *

Дода аз каф сарвараш афғонзамин,
Монда бесоҳиб таги чархи барин.
Дигаре омад ба болои сараш,
Карда бумборон ҳама бому дараш.
Ғарқа гардида ба сели ашку хун,
Бому дар гардида, оваҳ, сарнагун.

Ғарқи хун гардида яксар сабзазор,
Бармаҳал омад хазон бар навбаҳор.
Абри тира хира гардонд ин ҳаво,
Бар сари афғонзамин омад бало.
Оташи кин рахна зад бар ин диёр,
Мардуми афғон зи нав шуд хору зор.
Мурғи бахт аз хонадонаш раста буд,
Тирарӯю дилфигору хаста шуд.
То ба ҳоло мардумаш андар пареш,
Гашта бас бегона андар мулки хеш.
Э Худо, раҳме намо бар ҳолашон,
Дар паноҳат гир ҷону молашон.
Тоза кун афғонзамин аз доғи ҷанг,
Сарзамину мардуми бо ному нанг.
Мардуми афғон ба мақсудаш расад,
Бар ҳама армони Масъудаш расад.
Дар диёри ӯ зи нав ояд баҳор,
Ҷангу қаҳтиҳо бигардад барканор.
Гашта аз ғурбат биёяд мардумаш,
Баҳри ободии ин марзу бумаш,
Мекунад ободу зебою баранг,
Нест бодо аз ҷаҳон манҳуси ҷанг.
Ҷанг бод афсонаи буду набуд,
Сабз бод ин кишвар аз шеъру суруд.
Кӯдаконаш хурраму хандон шаванд,
Мӯсафедонаш аз ин шодон шаванд.
Марди деҳқонаш равад аз баҳри кор,
Баҳри ободонии мулку диёр.
То намояд гулшукуфон сарзамин,
Мекунад ҷаҳду ҷадал аз баҳри ин.
Хоки афғон ончунон пур шуд зи хун,
Бод гум з-ин мулк хунрезӣ кунун.
То биёяд бори дигар навбаҳор
Бар канори шаҳру деҳи ин диёр.
Сабзу хуррам то шавад ин сарзамин,
Эй бародар, мақсади мо ҳам чунин.
Мисли Аҳмадшоҳи Масъуди замон,
Медиҳад ин мулк садҳо қаҳрамон.

* * *

То ба ҳоло рӯҳи покаш
Ҳамчу ҷисми гашта хокаш
Аз дами маргу ҳалокаш
Ёди Даҳбеди Самарқандаш кунад.
Бо умеде,
Тирашабҳо, бомдодон
То биёбад як нишоне аз Хуросон
Бо умеде,
То бубинад тоҷики авлоди Сомон.
То ба ҳоло,
То ба ҳоло
Саъю кӯшишҳои афзун мекунад,
То ҳама пайвандҳои кандагашта,
Ҳарду соҳилҳои Ому
Чун пули ҳамбастагии руди Панҷ
Карда бо ҳам риштаи бигсастае
Боз пайвандӣ кунад.
Рӯҳи покаш аз паси он расми зебо
Рӯ ба сӯи шаш ҷигарбандаш кунад,
Бо табассумҳои зебояш
Шакархандаш кунад.
Рӯҳи покаш ҷовидона,
Номи некаш тоҷикона,
Дар Хуросон як нишона...
То ба ҳоло рӯҳи покаш
Ёди Даҳбеди Самарқандаш кунад.

## МУНОДИИ СУЛҲ

*Ба устод Мирзо Турсунзода*

Гашта буд ӯ як замон рӯи ҷаҳон,
Карда номи тоҷиконро ҷовидон.
Дар дилаш ғамҳои чандинсола буд,
Ёди ӯ бар кишвари Бангола буд.

Мерасад аз ҳар куҷо бар гӯши ман
Тақ-тақи арробаю номи Ҳасан.
Кӯдаки афғонӣ бо қуттии худ
То ба ҳоло дар лаби Баҳри кабуд.
Осиё то ин замон гӯяд сухан,
Номи Мирзо дар забони анҷуман.
Ҳам «Суруди сулҳ»-и ӯ бо хуни дил,
«Бо тапиданҳои рӯзафзуни дил»
Дар дилу бар дидаҳо маъво гирифт,
«Ҷони ширин»-аш ба дилҳо ҷо гирифт.
Дар дилаш буд то абад меҳри Ватан,
Бо Ватан доим буд ӯ чун ҷону тан.
Шеъри ӯ андар само мисли уқоб,
Менамудӣ халқи оламро хитоб:
Сулҳу ваҳдат меҳру шодӣ оварад,
Хуррамию дилкушодӣ оварад.
Бо талошу ваҳдату соҳибдилӣ
Ҷои ӯ аз баҳри сулҳу ҳамдилӣ,
Рӯи минбарҳои зебою баланд
Номи ӯ бар кулли олам буд писанд.
Қаҳрамони миллати фархундафар,
Номи тоҷик карда машҳури башар.
Тоҷики ман миллати озода аст,
Пайрави Мирзои Турсунзода аст.
Дар дилу бар дидаи пиру ҷавон
Номи неки ӯ бимонад ҷовидон.
Қаҳрамони миллатам Мирзои мо,
Номи ӯ бошад сари болои мо.
То ба ҳоло дар фазои мулки ман,
Баҳри ободонии зебо Ватан.
Шеъри ӯ созандаю поянда аст,
Раҳнамо бар ҷониби оянда аст.

## ЁДИ ЛОИҚ

*Дидам қадаҳе, ки сарнагун мегиряд,*
*Қул-қул зада, шиша аз дарун мегиряд.*
*Сад ҷому пиёла оби чашм аз майи сурх,*
*Лоиқ ту куҷоӣ, гуфта хун мегиряд.*

***Бозор Собир***

Дар баҳорон сабзаи нав чун бирӯяд аз замин,
Ашки борон қатра-қатра мечакад чун аз ҷабин,
Карда ёде Лоиқи ширинсуханро бо алам,
Хуни дил резад ба ҳасрат рӯи коғаз ин қалам.
Ҳар гаҳе андар баҳорон чун равам сӯи Лучоб,
Бар сари гӯраш нишинам, мешавад чашмам пуроб.
Пуштаи гӯраш миёни ин «дабистон»-и хамӯш
Гашта аз гулҳои наврӯи баҳорон сабзапӯш.
Номи ӯ бо меҳрубонӣ бар забон чун орамаш,
Медиҳад акси садо он дам садои форамаш.
Карда ман аз ҳар тараф овози ӯро ҷустуҷӯ,
Мекунам гӯё ба рӯҳи софу покаш гуфтугӯ.
Сорбон андар ғамат бишкаста чандин хомааш,
Менависад бо алам то ҳол Лоиқномааш.
Ҳар гаҳ Афзалшоҳи Шодӣ хонд дар васфат суруд,
Дар забонаш исми покат дар дилаш меҳри ту буд.
Ҳар гаҳе ин Сармади шӯрида мегӯяд сухан,
Номи Лоиқ бар забон орад ба ҳар як анҷуман.
Номи Лоиқ дар дилу ҳам дар забони тоҷик аст,
Номи Тоҷик решапайванде ба номи Лоиқ аст.

## ШЕЪРИ ЛОИҚ

Ҳар гаҳе бар ҳар куҷо созам сафар,
Ҳамраҳам гирам китобатро ба бар.
Шеъри нобат раҳнамою раҳбарам,
Номи некатро ба маҳфилҳо барам.
Ҳамчу як гаҳворачунбони замин,
Шеъри ту гӯё ки бошад инчунин.

Шоире андар дили ин мардумон,
Ахтари рахшони нурафшони ҷон.
Шеъри ту хуршеди вологавҳарон,
Шеъри ту чун аллаҳои модарон,
Ҳамчу як гаҳворачунбон модаре,
Пурҷилою ҳам дурахшон гавҳаре
Шеъри ту бошад ҳамеша ҷовидон,
Дар забону дар дили пиру ҷавон.

## БА ЛОИҚ

Ифтихори миллату халқу Ватан,
Лоиқе чун Рустами рӯинатан.
Баъди даҳ қарн аз қиёми Рудакӣ
Дида бикшодӣ дар ин зебо чаман.

Дар нигоҳаш шӯълаи ахтар буда,
Шеърҳояш нобу чун гавҳар буда.
Доимо маънои ҳар шеъри тараш
Васфи кишвар, модару дилбар буда.

Орзӯяш душманони мард буд,
Бар насибаш душмани номард шуд.
Аз ғаму андӯҳи миллат оқибат
Синааш решу дилаш пурдард шуд.

* * *

Душманонаш мезанандаш то кунун санг,
Нокасони бехабар аз ному аз нанг.
Бенавоёни хирад аз нотавонӣ,
Гӯиё бо рӯҳи покаш карда бас ҷанг.

Шеърҳои ӯ равону номи некаш ҷовидон,
Шеъри ӯ хонанд мардум дар ҳама рӯи ҷаҳон.
Гар маҳалбозе занад санг аз бахилӣ сӯи ӯ,
Номи некаш лек бошад доимо вирди забон.

## САФОИ СУРАИ ҚУРЪОН

*Аз сафои сураи Қуръон сухан омӯхтам*
***Лоиқ***

Аз сураи Қуръон ту сухан омӯзӣ,
Аз шарри шарора сӯхтан омӯзӣ.
Аз оташаки меҳри дили тоҷики ман
Дар кӯраи дил ту гулхане афрӯзӣ.
Ин шебу фарози даҳри нопайдоро
Бар кӯру карону мою ман омӯзӣ.
Аз аллаи модари баномуси Ватан
Як шеърхазина баҳри мо андӯзӣ.
Афсӯсу надомате аз ин чархи фалак,
Аз дарди Ватан ҳаёти худро сӯзӣ.

## САРИ БАЛАНД

*Мушти хоки поки сарзамини тоҷиконро Сино ба Ҳамадон ва Камол ба Табрез бурда буд.*

Қатраҳоро ҷамъ созам,
Қатраҳо дарё кунам,
Дар ғами миллат бисӯзам,
Доду вовайло кунам.
Пораи хоки ватанро
Ман ба дилҳо ҷо кунам.
Рӯзу шаб бо хуни дилҳо
Маснавӣ иншо кунам,
То қатори шеъри Ҳофиз
Шеъри нав пайдо кунам.
Аз Хуросон то Бадахшон,
Пораи хоки ниёгон,
Рӯҳи поки Оли Сомон
Дар дили худ ҷо кунам.
Сӯхт ҷону дил пур аз ғам,
Дидаҳо гардида пурнам.

З-ин ҳама ноодамиҳо
Гаштаам ҳайрону сархам.
Хоки поки кишвари ман
То ба Эрон бурдаанд,
Аз Бухоро, аз Самарқанд,
Ҳам зи Хатлон бурдаанд.
Гард-гарду пора-пора
Ҳам парешон бурдаанд.
Давлату дорои тоҷик
Аз Зарафшон бурдаанд.
Ҳам ғариб фарзандҳояш
Дар ғами нон мурдаанд.
З-ин ҳама он тохтанҳо,
Ҳам зи бурду бохтанҳо,
Хоки тоҷик заррае ҳам
Кам нашуд,
Ҳам сари болои тоҷик
Назди душманҳош боре,
Лаҳзае ҳам хам нашуд,
Хам нашуд.

## ПИРИ ХУРОСОН

*Ба Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой*

Аз дасти ту бас сари қалам суфта шуда,
Асрори сухан зи ҳар қалам гуфта шуда.
Эй тоҷики фархундаи авлоди Каён,
Барпо ту намудаӣ Хуросони замон.
Аз сӯи Бухоро навазад боди умед,
Дар ҳасрату ёди он сарат гашта сафед,
Силсилаасарҳои ту хонда ҳамагон,
Авроқи китобат аз Хуросон чу нишон.
Фарҳанги дарӣ намуда бар мо тақдим,
Бахшида ҷило забони он аҳди қадим.
Сармад бикунад дуо ба даргоҳи Худо,
Садсола шавӣ ту, эй пури Садри Зиё.
Садсола шавию боз ҳар соли дигар
Бар тоҷики ман зи нав нависӣ ту асар.

# ОХИРИН АСКАРИ ҶАНГ

*Эҳдо ба Ғаюр Сафар*

Солу моҳу рӯзи он ҷанги ҷаҳон,
Моҳи май ояд ба ёди мардумон.
Душмани нопоку бадкору лаин,
Карда зери пои худ ин сарзамин.
Карда яксони замин ӯ деҳу шаҳр,
Ғарқи хун гардида буд дарёю баҳр.
Охирин фарзандҳои шаҳру деҳ,
Ҳам занону модарон, солору меҳ,
Бар дифои ин Ватан бархостанд,
Ҳифзи марзу буми он пардохтанд.
Рафта фарзандонашон сӯи набард,
Пушти сар бинмуда ҳар гармою сард.
То насозад хасм моро зери по,
Ҷони худро додаанд аз баҳри мо.
Бар дифои ин Ватан бо ному нанг,
Монда дар дилҳои мо з-он доғи ҷанг.
Захмҳо аз тири душманҳо ба тан,
Охирин сарбози ӯрдуи Ватан.
Гомзан ӯ бо сари боло ба пеш,
Карда ёди асли ҳамсолони хеш,
Карда ёди давраи ҷанги адӯ,
Бо аҷал буд ӯ ҳамеша рӯ ба рӯ.
Гарчӣ як пояш бибурда захми тир,
Ҳам зи захми тири душман гашта пир.
Гарчи додӣ дар набард ӯ пои хеш,
Буд шиораш бо сари боло «Ба пеш!»
Баъди пирӯзӣ дар он хунин набард,
Омада бар меҳанаш марди абард
Кард ободии ин мулку диёр,
Ин амал аз баҳри ӯ буд ифтихор.
Аз барои мардуми фархундапай,
Иди пирӯзӣ расида моҳи май.
Баҳри ту фархунда бошад ин зафар,
Паҳлавони номвар, пури Сафар.

## БА АБДУРОФЕЪ РАБИЗОДА

Агар эй дӯст, дар васфи ту гӯям
Ҳазорон шеъри тар, бошад вале кам.
Сарат испеду лекин ту ҷавонӣ,
Фаровон дар дилат ғамҳои олам.

Намехобӣ шабу рӯз аз ғаму дард,
Барои халқу миллат карда эҷод.
Асарҳоят зи қаъри қалби пурхун,
Валекин мекунад дилҳои мо шод.

Шарора рафт аз зарби заминларз,
Фано шуд дар хаёлат қитъаю арз.
Ба офатдида мардум хайр кардӣ,
Тамоми пайсаатро ҳамчу як фарз.

Агарчӣ бар ҳама кардӣ ту некӣ,
Вале қисмат бароят нораво кард.
Дилат хуноби ғам шуд, з-он ки Эзид
Туро аз ду ҷигарбандат ҷудо кард.

Агарчи Шамсия рафт аз бари ту,
Китоби «Болу пар» таскингари ту.
Валекин рӯҳи покаш ҳаст ором,
Ҳамеша дар сари бому дари ту.

Асарҳояш давоми умри ӯянд,
Аҷаб зебо равонанду накӯянд.
Нишон монданд асарҳояш ба олам,
Ҳаёташро ба мардум қисса гӯянд.

Писар ҳарчанд рафта аз бари ту,
Ҳазин шуд аз алам бому дари ту.
Давоми умри ту ҳастанд имрӯз
Асарҳо, синамо ҳам духтари ту.

Фарогир ин ҷаҳонро синамоят,
Ҳама таскини дил акнун бароят.
Ҳамеша дар талоши кору эҷод
Барӣ шогирдҳоят аз қафоят.

Аё устод, бо номи накӯят
Ту ҳастӣ меҳрубон бар насли одам,
Бувад Сармад дуогӯи ту доим,
Ҳамеша ҷовидон монӣ ба олам.

## ПАЙРАВИ ПАДАР

*Ба Аллаёр Тағоев ва духтараш Робия*

Ногаҳ аз канори мо падар рафт,
Бимондем, оҳ, ҳайрон, бехабар рафт.
Агарчӣ рафтааст ӯ аз бари мо,
Ки буд чун соябоне бар сари мо.
Валекин номи некаш ҷовидон аст,
Ҳамеша дар дили пиру ҷавон аст.
Буд ӯ заҳматкаши ин марзу ин бум,
Нарафта заҳматаш аз ёди мардум.
Ниҳолеро ба заҳмат парварид ӯ,
Ба дашти холӣ шаҳрак офарид ӯ.
Ҳамеша номи некаш ҷовидона,
Бимонда Робия аз худ нишона.
Гирифта чун падар ӯ раҳ ба дилҳо,
Бигардида ба қалби мардумон ҷо.
Ҳамеша бо вуҷуди сарварияш,
Сазоворе зи ҳизбу боварияш.
Ба мисли он падар буд заҳмати ӯ,
Ба мардум мӯътабар шуд хизмати ӯ.
Ҳамеша чун нишони волидонаш,
Ба мисли он падар буда ниҳонаш.
Ки буд рӯзу шабон андар паи кор,
Нишони заҳматаш орад кунун бор.

* * *

Шуда Робия ҷогузини падар,
Ба хурду калон гашта ӯ мӯътабар.
Ба мисли падар роҳи дилҳо гирифт,
Ба умқи дили мардумон ҷо гирифт.

## ШОД БОШАД РӮҲИ ТУ

*Ба ёди Абдурасул Шарифзода*

Синни ту буд шаст, аммо аз бароят ончунон
Ин ҳаёту зиндагонӣ буд ба монанди асал.
Бехабар мондем мо аз дору гири зиндагӣ,
Ногаҳону бошитобу бехитоб омад аҷал.
Ҳастию нобудии давру замони зиндагӣ
Ҳамраҳи ту мо накарда лаҳзае радду бадал.
Бе видоъу хайрбоду хайрушух рафтӣ зи мо,
Тарки ин дунё намудӣ ногаҳону бармаҳал.
Манзилат ободу рӯҳат шод бошад, эй рафиқ,
Номи некатро набидҳад ҳеҷ офоте халал.

## ДАР ЁДИ ПАДАР

*Сӯгворii Аҷамҷон ба марги бармаҳали*
*падари ормониаш Мирзоалӣ*

Падар, рафтию дар дилҳо алам монд,
Зи ногаҳ рафтанат оҷиз қалам монд.
Бимонда духтаронат зору ҳайрон,
Нишони зиндагоният Аҷам монд.

Падарҷонам, падарҷонам, падарҷон,
Шудам аз марги ту нолону гирён.
Бирафтӣ бармаҳал аз дори дунё,
Паси дар монда фарзандони нолон.

Будӣ моро падар чун саябоне,
Ба баҳри зиндагӣ чун бодбоне.
Кунун ки рафтаӣ ту аз сари мо,
Намонда баҳри мо як пуштибоне.

Падарҷонам, падарҷонам, падарҷон,
Падарҷони дилафгори пурармон.
Паноҳат бар Худо то рӯзи маҳшар,
Дуо хонад ба рӯҳи ту Аҷамҷон.

## ХАЙРБОДИ МУАЛЛИМА

*Ба ёди Хирманой Воҳидова*

Толибу шогирдҳоят он саҳар
Омада баҳри видоъат пушти дар.
То ки созанд он замон бо ту видо(ъ),
Мегиристанд ошкору бесадо.
Дарс гуфтӣ баҳри шогирдони худ
Нисфи умрат, вақти андак ҳам набуд,
Дарс гуфтӣ аз забони модарӣ,
Дарси имондорию одамгарӣ.
Карда талқин баҳрашон мардонагӣ,
Ҳам ҷавонмардию ҳам фарзонагӣ.
Гашта аз дарси ту онҳо баҳравар,
Гашта андар байни мардум мӯътабар.
Гарчӣ рафтӣ дар қатори рафтагон,
Монд меҳрат дар дили мо ҷовидон.

## НАВҲА

*Ҳасрати Афзалшои Мустафоқул*
*ба марги хоҳари ормониаш Майрамой*

Дар талоши нахли умри ҷовидон,
То ки баъд аз ту бимонад як нишон.
Ҳар дареро бо умеде кӯфтӣ,
Сирри худро дар дилат кардӣ ниҳон.

Ҳар гаҳе дидӣ агар як тифлаке,
Мекунад шодӣ ба назди модарон.
Дида пурнам, хунҷигар, бо оҳи сард,
Пайкарат пурдард мешуд он замон.

Гарчӣ дар лаб ту табассум доштӣ,
Буд ҷигар садпора, қалбат хунчакон.
Лек Эзид аз дилат ғофил бишуд,
Бевафоӣ кард дар айни замон.

Мошро духтар бихондӣ ту ба худ,
Хонда будӣ ту писар он Полвон[1].
Мош буд ҳамрозу таскини дилат,
Полвон буд посбони хонадон.

Баъди маргат Полвон бемор шуд,
Бар табассумҳои зебо зор шуд.
Мош мотам дошт ҳар шому саҳар,
Баҳри ӯ ин хона тангу тор шуд.

Се пагоҳӣ рафта қабрат Полвон,
Ашки ҳасрат рехт аз чашмаш чунон,
Шуд дилаш сад пора аз бедоду ғам,
Рӯзи охир Полвон биспурд ҷон.

Алвидоъ, эй Майрамойи ҷони ман,
Хоҳарам, эй мазраи армони ман.
Ҳар гаҳе оям ба кӯи ин диёр,
Дар хаёлам холӣ аст айвони ман.

## ДУОИ ПАДАР

*Илҳом аз шеъри Назри Яздон*
*«Дуои модарам»*

Э Худовандо, Худованди карим,
Аз барои як сироталмустақим.
Бандагонатро бидеҳ ҳушдори нек,
То бигарданд олиму шахси ҳалим.

---

[1] Мош ва Полвон гурбаю саги марҳума.

Навҷавононро бидеҳ ақли расо,
Пирамардонро «ҷавонӣ» кун ато.
Мардию одамгариро ҳар замон
Бар вуҷуди мардуми нокас расон.

Хонадони мардуми нодорро
Пур бикун аз нони гандум бармаҳал.
Чашми доро сер кун, Парвардигор,
Нангарад чашмаш ба нони камбағал.

Деҳ табобат мардуми беморро,
Иффату покизагӣ беорро.
Фисқу нопокӣ бубардор аз замин,
Бахш имон мардуми бозорро.

Лаҳзаи ҷон канданам осон бикун,
Раҳм баҳри кулли фарзандон бикун.
Ғам мадеҳ афзун ба фарзандони ман,
Ногаҳон манро ту қабзи ҷон бикун.

Аҳли авлоди маро Парвардигор,
Аз балоҳои замин эмин бидор.
Бахти некӯшон бубахшо, эй Худо,
То нагирянд аз фироқам зор-зор.

То қиёмат даст бар рӯ, эй Худо,
Рӯзу шабҳо мекунам ман як дуо,
Мардуми кулли ҷаҳонро шод кун,
Дорам аз даргоҳи покат илтиҷо.

## ПАДАРҶОН

Падарҷон, такягоҳу тоҷу тахтам,
Падарҷон, дастгири рӯзи сахтам.
Дуоят раҳнамуни ман шабу рӯз,
Ҳамеша ман дуогӯи ту ҳастам.

Ҳамеша медиҳӣ бо панд ҳушдор,
Ки бар халқу Ватан бошам сазовор.
Ба ман гӯӣ писарҷон бишнав ин панд:
Ба беҳуда дили мардум маёзор.

Падарҷонам, сутуни хонаи ман,
Ту дурру гавҳари якдонаи ман.
Ҳама панду насиҳатҳои некат,
Фурӯзон мекунад кошонаи ман.

Диҳӣ ҳушдор бар ман, эй падарҷон:
Ҳар он коре ки кардастӣ ту пеша,
Ба нафъи ҷамъият, халқу Ватан кун,
Бувад ин панди ман бо ту ҳамеша.

Падарҷонам, ту нури хонадонам,
Ту бобоӣ барои кӯдаконам.
Ҳамеша номи некат ҳамраҳи ман,
Бубахшам аз бароят ҷисму ҷонам.

## БА МОДАРАМ

Аё модар, аё эй беназирам,
Бигардам то калон, додӣ ту ширам.
Кунун гаштам калону аз ту ман дур,
Дилам хоҳад фақат дасти ту гирам.

Дилат хун гашт то кардӣ калон ту
Ману фарзандҳои волидонат.
Кунун ки гаштаӣ беҳолу бемор,
Ҳама рафтем аз ин хонадонат.

Агарчи дурам аз хону дари ту,
Хаёлан ман ҳамеша дар бари ту.
Дуои нек гӯӣ ҳар шабу рӯз,
Ки фарзандат биёяд бар сари ту.

Ту модарҷони ман, ҷону дили ман,
Чароғи хонадону манзили ман.
Агарчанде ки дурӣ аз бари ман,
Чароғи равшанӣ дар манзили ман.

Туӣ пайванд бар хоку гили ман,
Насиҳат медиҳӣ дар мушкили ман.
Дуоят мекунам бошӣ саломат,
Аё, эй модарам, ҷону дили ман!

## ҶОНАМ ФИДОИ МОДАР

Бувад ҷонам фидои ҷони модар,
Фидои қалби пурармони модар.
Чу нури моҳу шеди оламафрӯз
Дурахшон чеҳраи тобони модар.
Дилам хоҳад нишинам ман шабу рӯз
Ҳамеша дар бари айвони модар.
Шунида қиссаҳои беназираш
Нависам дафтару девони модар.
Бипухтам дар танӯри зиндагонӣ
Зи гармии чу оташдони модар.
Равон гаштам ҳамеша бо раҳи рост
Ба амру хоҳишу фармони модар.
Биомӯзам ба нафсам серии чашм
Зи нони рӯи дастархони модар.
Чу гаштам навҷавон, бо ҳукми тақдир
Бирафтам аз бари домони модар.
Бирафтам хизмати Модар-Ватан ман,
Газида гӯшаҳои нони модар.
Будандӣ интизори роҳи фарзанд,
Ҳамеша сӯи дар чашмони модар.
Ки то солим бигардам аз раҳи дур,
Буданд андар дуо дастони модар.
Гирифта номаи фарзанди раҳдур,
Шукуфад чеҳраи пазмони модар.
Будам дур аз бараш ҳангоми пирӣ,
Ки бошам дорую дармони модар.

Дуогӯяш бувад Сармад шабу рӯз,
Қатори хешу фарзандони модар.
Ки дорам ҳасрате бори дигар ман
Бубинам чеҳраи хандони модар.

## МАРСИЯ БА МОДАР

Модар, ту бирафтию асоят паси дар монд,
Бар додару бар хоҳари ман сӯзи ҷигар монд.
Баъд аз сари ту гашта тиҳӣ хону дари ман,
Андар паси дар оҳи ҷигарсӯзи падар монд.
Нолону ғамӣ гашта ҳама хешу азизон,
Бар дӯши ҳама доғу алам, дидаи тар монд.
Борида ба сар абри Худо қатраи раҳмат,
Чун ашки ғамам тори сарат марқади тар монд.
Дар рӯзи дуи рафтани ту аз бари дунё,
Дарбони вафодори дарат рафту асар монд.
Ду кӯша сафедори дари ҳавлии додар
Афтода сарозер аз он решаи тар монд.
Аз сӯзу ғами рафтани ту, модари ширин,
Ҳам яккатути ҳавлии додар зи самар монд.
Фарзанди азизат ба раҳи ағбаи Анзоб,
Дар ёди ту як шому саҳар рӯ ба сафар монд.
Он шоми сияҳ яккаю танҳо, ки набудам,
Дар тори сарам шому саҳар шамсу қамар монд.
Афсона ҳамегуфтӣ бароям дами тифлӣ,
З-он мурғи Ҳумо нола ба ҳангоми саҳар монд.
Андар паси дар оҳи ҷигарсӯзи падар монд,
Бар дӯши ҳама доғу алам, дидаи тар монд.

## МОДАР

Зеби Ватану диёр дорад модар,
Рухсораи нурбор дорад модар.
Ҳангоми гуселу пешвози фарзанд
Ду дидаи шашқатор дорад модар.
Фарзанди азиз-ш рафта бар мулки дигар,
Ду дидаи интизор дорад модар.

Дар ёди ҷигаргӯшаи дур аз хона
Доим дили беқарор дорад модар.
Дар кӯча зимистону ҳавои сард аст,
Гулхонаи чун баҳор дорад модар.
Дар ёди ятимони падар ҳар шабу рӯз
Доим дили ғамгусор дорад модар.

## МОДАРАМ

Аё эй модарам, эй модари ман,
Шикаст аз рафтанат болу пари ман.
Аз он рӯзе, ки рафтӣ ту зи олам,
Бувад холӣ дигар бому дари ман.
Ту будӣ соябоне бар сари ман,
Чароғи хонадонам, модари ман.
Сағирону ятимонро ту ғамхор,
Аё эй модарам, эй гавҳари ман.
Ту будӣ боғбонам, модари ман,
Кунун рафтӣ зи олам аз бари ман.
Ғами олам дилат селоби хун кард,
Аё эй модарам, эй ахтари ман.
Ҳамеша интизори роҳи фарзанд
Будӣ пазмон ба ҷонам, модари ман.
Чу моҳу офтоби шӯълавар ту
Будӣ партавфишон андар сари ман.

## ЁДИ МОДАР МЕКУНАМ

Ҳар гаҳе оям ба деҳа, ман ба сӯи хонааш,
Ёдам ояд қомати хамгаштаи пиронааш.
Ёдам ояд давдавон ӯ мебаромад сӯи ман,
То бибӯсад ӯ ба серӣ чеҳраю абрӯи ман.
Менамудӣ ӯ зи хурсандӣ ба рӯи ман нигоҳ,
Вақти рафтан менамуд ашки рухаш аз ман паноҳ.
Ҳар гаҳе оям ба сӯи кӯҳу боғистони деҳ,
Ҳар пагоҳӣ меравам бар сӯи гӯристони деҳ.
То бигӯям модари зорам, ки ман боз омадам,
Пеши ту, эй модари ҷон, гуфтани роз омадам.

Рӯи гӯраш хонда аз Қуръони Яздон пораҳо,
Рӯҳи покашро бубахшоям ҳаме як каф дуо.
Пуштаи гӯраш зи гулҳои баҳорӣ сабзапӯш,
Ашки ғам резам ба рӯи гӯри модар ман хамӯш.
То баҳорони дигар аз донаи ашки сарам
Сабзаҳои нав бирӯяд рӯи гӯри модарам.
Ҳар гаҳе оям ба деҳа, ёди модар мекунам,
Ҳарду рухсорам зи ашки дидаам тар мекунам.

## ФАРИШТА

Дар ин роҳи фарози зиндагонӣ,
Ту чун пайдо шудӣ, бояд бидонӣ,
Матои пайкарат Эзид сиришта,
Туро бахшид баҳри он фаришта.
Сухан гӯӣ ба алфози ниҳонӣ,
Зи рӯзи аввалини зиндагонӣ.
Сароби зиндагонӣ нӯш созӣ,
Ба рӯи бистари нармаш бинозӣ.
Бароят то саҳар ӯ ҳаст бедор,
Давоят мешавад, гардӣ чу бемор.
Ҳамоне, ки бароят чун фаришта,
Ба зери синааш ҷонат сиришта
Ки бошад номи он олиҳа Модар,
Бидон инро ҳаме, ту эй бародар.
Бидонӣ меҳри покашро муқаддас,
Ба қадри заҳмати рӯзу шабаш рас.

## ШУКРОНА

Шукрона кунам зи модару ҳам зи падар,
Ду дасти дуо кушода ман шому саҳар,
Шукрона кунам Худо писар дода маро,
Се духтари меҳрубону озода маро.
Маҳфузаи ман зи лавҳи маҳфуз бувад,
Дилфӯза чи меҳрубону дилсӯз бувад.
Ҳам духтари Нозанин чи беҳамто аст,
Ҳам шоираву ҳунарвари якто аст.

Ман шукр кунам зи ахтарони раҳи хеш,
Хоре бихалад ба пояшон, ман дилреш.
Ду дасти дуо ҳамеша дорам ба Худо,
Ҳам бахти сафеду давлату умри бақо.
Бар духтаракони ман диҳад арзонӣ,
Иқболи накӯю бахти даҳри фонӣ.
Шукрона аз ин ҳамсари ҷонам бикунам,
Аз ҳамдаму он рӯҳи равонам бикунам.
Шукрона зи ахтарону ин боду ҳаво,
Шукронаи шеду моҳу ин абри Худо.
Аз оташу обу хоки ин тира ҷаҳон,
Маргу ғаму кулфату ҳама сирри ниҳон.
Шукрона кунам зи рӯзу шабҳои Худо,
Ӯ дода баҳору тирамаҳро чу ба мо.
Шукронаи ин канори зебои Ватан,
Ин мулки Худододаву озодаи ман.
Шукрона кунам аз ин ҳама рӯзу шабон,
То он дами дар бадан бувад риштаи ҷон.
Шукрона кунам, ки он ҳама дода маро,
Бар шукри ҳама ҳамеша дастам ба дуо.
Шукрона кунам ба ҳастию арзи вуҷуд,
Бар даргаҳи кибриёӣ бошам ба суҷуд.

## БА ҲАМСАРАМ

Азизам, ғамгусорам, меҳрубонам,
Туӣ модар барои кӯдаконам.
Агарчӣ рафтааст умри ҷавонӣ,
Зи ишқи ту валекин ман ҷавонам.
Туӣ равшангари умри ман, эй ёр,
Чароғи равшани ин хонадонам.
Агарчӣ меравам гоҳе сафарҳо,
Ба сӯи хонаам ман дав-давонам.
Гаҳе бар дил биёяд гар ҳавасҳо,
Вале аз ишқи ту берун намонам.
Зи меҳмондорию хони пуранвоъ
Шавад хушнуду розӣ меҳмонам.

Зи меҳру чеҳраи хандонат, эй ҷон,
Ба роҳи зиндагонӣ дар намонам.
Ҳама рози дилам бо ту бигӯям,
Намонад дар дили ман ормонам.
Ҳамеша умри ту бошад зиёда,
Ки бе ту ман ғарибу нотавонам.
Туӣ ҳамбистару ҳамболини ман,
Ҳамон чашмони шаҳлоят ба ҷонам.
Қасам хӯрдам чу бо номи накӯят,
Бигардам кӯр, агар қадрат надонам.

## НИШОНИ ЗИНДАГӢ

*Ба нахустфарзандам Маҳфузаҷон*

Нишони зиндагониям,
Ба ман азизӣ, духтарам.
Ту ҳастӣ аз барои ман
Нишонае зи модарам.

Дар ин масири зиндагӣ
Ту ҳастӣ чун нишони ман.
Зи баъди рафтанам зи даҳр
Нишони ҷовидони ман.

Миёни кӯдакони ман
Ту духтари калони ман,
Ба вақти пириам ҳаме
Тавони ҷисму ҷони ман.

Дар ин замину ин макон
Ту ҳастӣ ифтихори ман,
Шукуфта аз ҷаҳони ман,
Зи гулшани баҳори ман.

Дуо кунам барои ту:
Ҳамеша бош сарбаланд.
Дар ин ҷаҳони пургазанд
Наёбӣ ҳеҷ гаҳ газанд.

## МОҒИЁН

Сафар созӣ гаҳе ту бар куҳистон,
Бубинӣ ҷаннате дар Тоҷикистон.
Ҷамоатро, ки номаш Моғиён аст,
Диёри хурраме аз тоҷикон аст.
Пули Гирдоб бошад маркази он,
Ба рудаш доимо оби фаровон.
Фаровон обу лекин қатраи он
Бубахшояд замини аҷнабӣ ҷон.
Зи даври манғитону он амирон
Бимонда порадеворе зи қӯрғон.
Зи Деваштич Даврич як нишон аст,
Ки деҳу аҳли онро пуштибон аст.
Зи даврони гузашта ин гувоҳ аст,
Ҳам Эҷам, ағбаи Гандумгиёҳ аст.
Симобу нуқраю тилло фаровон,
Зи Нийятчашма то бар кӯҳи Султон.
Фараҳбахш аст доим навбаҳораш,
Ба дил қувват диҳад зардолузораш.
Агарчӣ роҳи ағба ҳаст душвор,
Валекин меваҳо дорад шакарбор.
Биё, эй ёри ҷон, бар меҳмонӣ,
Ки аз зебогиҳо ғофил намонӣ.

## ДЕҲИ МАН

Кӯҳсорӣ, сангзорӣ, деҳи ман,
Сарзамини файзборӣ, деҳи ман.
Бас фаровон нуқраю тиллои ту,
Шӯҳрату овозадорӣ, деҳи ман.

Дар бари кӯҳи Ҳисорӣ, деҳи ман,
Мулки сабзу зарнисорӣ, деҳи ман.
Бо ҳама ҳусну тароват пеши рӯ
Дилрабо, хуррамдиёрӣ, деҳи ман.

Дар барат кӯҳи Ҳисори Шодмон,
Қад кашида рӯ ба сӯи осмон.
Оби софу чашмасоронат басе,
Номи ту бошад ба дунё Моғиён.

Деҳ нишоне аз билоди бостон,
Монда мерос аз замони суғдиён.
Гарчи рафта солҳову асрҳо,
Моғиён монад ба олам ҷовидон.

Гарчи дурам аз диёрам солҳо,
Лек меҳраш дар дили ман ҷовидон.
Деҳи ман гарчи назарногир ҳаст,
Порае аз хоки поки тоҷикон.

Ёд орам ҳар гаҳе ки Моғиён,
Саҷда месозам замини тоҷикон.
Тоҷикистон кишвари ман, модарам,
То абад бошӣ ба олам ҷовидон.

## НИЁИШ

Ман ба даргоҳат бисозам нола ҳар шому саҳар,
Лек боре аз мани мискин намегирӣ хабар.
Бандаю муштоқи дидори ту ҳастам, ёри ман,
То қиёмат дар фироқат мехурам хуни ҷигар.
Орзӯям Ломаконо, дидани дидори туст,
Аз китоби Мусҳафат доим бигардам баҳравар.
Соябону ҳамдаму ҳамрози ман ҳастӣ ҳаме,
Ҳастӣ болои сарам гоҳе, ки месозам сафар.
Қисматам дар дасти ту, эй Эзиди воломақом,
Марг орад бар дарам дасти қазоеву қадар.
Қудрати волои ту қодир барои ҳар амал,
Мекунӣ фарзанд ато бо қудрати худ бепадар.
Доимо Сармад бувад дасти дуо бар сӯи ту,
Раҳм бинмо бар ману сӯи ғарибон ҳам нигар.
Бо умеди раҳмати ту, эй Худованди карим,
Рӯзу шаб ман фикру зикрат доимо дорам ба сар.

## ҲУШДОР

Ин насиҳатро шунав, ҷони падар,
Гар ту хоҳӣ ки бигардӣ мӯътабар.
Ин насиҳатҳову пандам гӯш кун,
То набошӣ аз ҳақиқат бехабар.

Дасти худро рӯи Қуръони карим
Монда гуфтӣ исми Раҳмону Раҳим.
То баданро дорӣ ту ҷону рамақ,
Меравӣ ту бо сироталмустақим.

Мекунӣ хизмат ту аз баҳри Ватан,
Лозим ояд, медиҳӣ сад ҷону тан.
То бигардӣ назди мардум сарбаланд,
Вирд кардӣ дар забонат ин сухан.

Нури чашмам, ҳадди худро ту бидон,
Гар қасам хӯрдӣ, қасамро пос дор.
Нест шӯхӣ ин қасам назди Худо,
Ин насиҳатҳои ман мерос дор.

Нафси худро дор аз нони ҳаром,
Луқмаи покиза гир андар даҳон.
Бар Ватан хизмат бикун бо қалби пок,
То бимонад номи некат ҷовидон.

Гуфт Сармад ин суханҳо баҳри ту,
То кунӣ андеша як бори дигар.
Аз азал то ҳашр дар рӯи замин,
Кас набурда ҷуз кафан тиллою зар.

## ХОБИ ҒАФЛАТ

Хоби ғафлат бурда бо худ дидаи бедори ман,
Дар назар омад падид ин умри нафратбори ман.
Пеши рӯям шуд намоён фитнаи дунёи дун,
Ин замину осмон гардида буд сарбори ман.

Рӯзи маҳшар ҷилвагар гардид бар чашмам аён,
На падарро бар писар коре буду на кори ман.
Як тараф он мардумони карда дар олам хато,
Дигареро дода ҷаннат баҳри ӯ он Ёри ман.
Одамон дар тавбаанду авфпурсӣ мекунанд,
Тавбафармое наояд аз паи дидори ман.
Ин замон ман дарк кардам; рафтааст умрам абас,
Дар қиёмат авф нанмояд касе кирдори ман.
На бародар хоҳарашро хайру некӣ мекунад,
На сахое бар гадо, на ёри тақводори ман.
Чашм бикшодам баногаҳ ман зи ин хоби гарон,
Дидагонам ғарқи хун аз оҳи ҳасратбори ман.
Гуфт Сармад дар ҷавонӣ тавба кун аз кори бад,
То набошӣ дар ҷаҳони охират ту зори ман.

## МАСҶИД

Ба масҷид меравӣ баҳри ибодат,
Бишав покизаю бинмо таҳорат.
Қадам бинмо батамкину фурӯтан,
Забони худ нигаҳ дор аз ҳақорат.

Агар ту раҳсипорӣ сӯи масҷид,
Барои ту бувад он лаҳза чун ид.
Зи ширку фитна ту худро нигаҳ дор,
Баимон бошу доим рӯ ба тавҳид.

Ба ҳангоми вуруди саҳни масҷид,
Бихон ту ин дуоро, эй бародар:
«Намо дарҳои раҳмат баҳри ман боз,
Худоё, аз кунун то рӯзи маҳшар».

Ту дар масҷид фақат зикри Худо кун,
Дуруде бар Муҳаммад Мустафо кун.
Забон аз лаҳни беҳуда нигаҳ дор,
Намозат хонда, дасте бар дуо кун.

Ки масҷид хонаи якто Худо аст,
Маконе чун ибодатгоҳи мо аст.
Нигаҳ озодаю покиза дораш,
Ки пайвандовари арзу само аст.

Намози бо ҷамоат кардӣ иқдом,
Намо сабру расон онро ба итмом.
Бишав берун зи масҷид бо таҳаммул,
Шунида аз имомат рухсати ом.

Бигардӣ чун хурӯҷ аз саҳни масҷид,
Зи фазли Ҳазрати Ҳақ шав талабгор.
Дуое гуфта Сармад аз бароят,
Худо дар ҳар қадам бошад туро ёр.

## ПАНД

Эй бародар, як насиҳат мекунам мисли падар,
Ту зи молу мулки дунёю паси мансаб мапар.
Одамиро гар шараф шуд, мебарад лахте кафан,
Кай барад, набвад насиб ӯ ин кафанро ҳам дигар.

Нони касро хӯрдӣ ту, пас қадри нонашро бидон,
По ниҳӣ бар остонаш, қадри хонашро бидон.
Хӯрда нони кас, машав бар хонадонаш носипос,
То нафас боқист, қадри хонадонашро бидон.

Носипосӣ кори номардон бувад, эй ҷони ман,
Гар кулӯх андозӣ, андозанд санге бар ту низ.
Гар ту некӣ мекунӣ, Эзид кунад некӣ ба ту,
Бар касе гар бад кунӣ, бад мерасад бар бетамиз.

Гар дареро кӯфтӣ бо мақсади нопоки хеш,
Оқибат девору бомат бар замин яксон шавад.
Гар дили озурдаеро шод созӣ бо сухан,
Рӯзи маргат кандани ҷон баҳри ту осон шавад.

Гар задӣ тӯҳмат ба шахси поку беолоише,
Оқибат авлоди ту дар даҳр саргардон шавад.
Сила созӣ гар сари тифли ятими бепадар,
Баъди марг аз номи некат насли ту хандон шавад.

Ғайбати кас мекунӣ, як лаҳзае андеша кун,
Ҷои ғайбат хислати неке бароят пеша кун.
То ки монад дар ҷаҳон ин номи некат ҷовидон,
Кори бадро пеша манмову ту аз ин андеша кун.

Аз барои чӣ ба ҷонат ҷабр созӣ инчунин,
Заҳри қотил карда истеъмол ҳамчун гераин,
Одамӣ чун оби дарё пас намеояд ба даҳр,
Умри худро хуш гузору дасти худро гир аз ин.

Волидонатро намо ҳурмат, чу кардандат калон,
Хуни мардӣ дорию ҳоло ки ҳастӣ ту ҷавон.
Мешавад рӯзе ки мегардӣ падар ту, эй ҷавон,
Бинӣ аз фарзандҳоят ҳурмату қадр он замон.

Моли мардум мехурӣ бо ҳиллаю макру фиреб,
Аз дигар сӯ моли ту аз хонадонат меравад.
Ҳон, бидон, ки бесабаб гар моли мардум мехурӣ,
Оқибат ҳамчун мараз бар устухонат медавад.

Гуфт Сармад аз барои ту суханҳо, эй ҷавон,
То кунӣ андешае ту андар ин давру замон.
Молу сарватро набурдаст одаме, инро бидон,
Номи некон ҳаст доим дар ҷаҳон вирди забон.

## ҲАСРАТ

Ҳайфи он умри ҷавонӣ, рафт, рафт,
Мактабу ҳам дарсхонӣ рафт, рафт.
Аз муаллимҳо ба ғафлат сӯи ту
Он нигаҳҳои ниҳонӣ рафт, рафт.
Кӯдакию беғашию беғамӣ
Ҳам бузу бузғолабонӣ рафт, рафт.

Дар фарозу кӯчаҳои деҳамон
Ҷангбозӣ, қаҳрамонӣ рафт, рафт.
Дар талоши ишқи мактаббаччагӣ
Хатнависӣ, номахонӣ рафт, рафт.
Бо муаллимҳою ҳамсинфонамон
Байту ҳам «Шаҳнома» – хонӣ, рафт, рафт.
Баъди мактаб, дар лаби дарёи деҳ
Интизорӣ, дермонӣ рафт, рафт.
Гарчи ҳастам ман ҷавон дар роҳи ишқ,
Лек айёми ҷавонӣ рафт, рафт.
Ин ҳаёту зиндагии кӯтаҳам
Дар талоши зиндагонӣ рафт, рафт.

## УМРИ ОДАМ

Дарахтон тирамаҳ гарданд урён,
Гирифта файзи тоза дар зимистон.
Барои он ки тобистон бар оранд,
Зи ғунча бишкуфанд андар баҳорон.

Валекин зиндагии одамизод
Ҳама бошад фиребу нолаву дод.
Агар гардад хазон умри азизаш,
Диҳад ҷони азизи хеш барбод.

Ки то бошад ҳамеша сабзу хуррам,
Дарахт аз обу хоке ҷон бигирад.
Валекин одамӣ бо номи некаш
Барои мардумон ҳаргиз намирад.

Дарахт абнои[1] мо хуррам намояд,
Диҳад рӯзӣ ба мо, шодӣ физояд.
Чу бошӣ одами хубу накӯкор,
Бувад Сармад ҳамеша ҷонфидоят.

---
[1] Авлод

## ЁДИ ГУЗАШТА

Ба ёд ояд маро шабҳои бехобии боронӣ,
Миёни чор девори падар айёми нодонӣ.
Даруни сандалии оташаш хомӯш, хокистар
Аҷаб кайфияте буд он замон, инро чӣ медонӣ.
Шунида қиссаю афсонаҳои модари ширин,
Гаҳе аз Хусраву Маҷнун, гаҳе абёти Зоконӣ.
Хаёлан аз паси мурғи Ҳумо парвоз бинмуда,
Гаҳе дар қуллаи Давричу гаҳ Пастоки поёнӣ.
Ба ёди рафтагони ормонӣ аз пайи қисмат,
Будам дилхуну чашмам нам гаҳе рӯъёю пинҳонӣ.
Кунун ки гаштаам дур аз диёри олами тифлӣ,
Надорам чорае, аммо намесозам пушаймонӣ.
Ба мӯйи сар сафедӣ – ин нишони давраи пирӣ,
Вале қалби ҷавон дорам, фақат инро ту медонӣ.
Надорад чорае дигар, вале ин Сармади дилхун
Кунун дар хоб мебинад: гузашт айёми сарсонӣ.
Дилам хун мешавад гар бишнавам аз ҳар маҳалбозе,
Бигӯяд ту ҳисориву ту хатлонӣ, бадахшонӣ.
Бигӯям бо сари боло ба сӯйи нохудогоҳон,
Ки ман як тоҷики бонангу ор, авлоди Сомонӣ.

## КОРГАР

Дар ҳавои гарму боронию сард
Мекунад ҷаҳду талош озодмард.
Бар ба бар бо турку эронию рус,
Ҳам чиноию қазоқу белорус
Бо талошу заҳматаш фархундамард
Нақбу раҳҳои зиёде боз кард.
Тоҷику ҳар миллати соҳибватан,
Ин ватан бошад ба онон ҷону тан,
Ору номуси ватандорӣ кунанд,
Бар Ватан доим вафодорӣ кунанд.

## РӮБАҲАК

Рӯбаҳак дар бешае сардор шуд,
Аз қазо як фарди мансабдор шуд.
Хирсу гургу оҳую шеру паланг
Гашта хизматгори он рӯбоҳи ланг.

Рӯзи аввал дод фармон он заҳир,
То шағолакро кунад бар худ вазир.
Дод мансаб бар бародарзодааш,
Дод бар дасташ ҳама он тӯпу тир.

Рӯзи дуввум дод фармон нобакор,
Саркашонро то биовезанд дор.
Баҳри хизмат дар замини беша ӯ
Бурда бас бечораҳоро баҳри кор.

Лек мустаҳкам намонд ин салтанат,
Буд кораш баски сартосар ғалат.
Рӯбаҳакро кори мансаб зӯрӣ кард,
Дод аз каф мансабашро оқибат.

Аз қазо сайёд рӯзе бар шикор
Шуд равон бар ҷониби ин бешазор.
Бар дили рӯбаҳ бизад захре чунин,
Ҷон бидод он рӯбаҳак бо ҳоли зор.

## БА МАҲАЛБОЗОН

Ту суғдӣ? Ё хуҷандӣ? Ё бадахшӣ?
Зи Раштӣ? Аз Ҳисорӣ ё зи Вахшӣ?
Ба ҳар ҷое равӣ, донанд аввал
Маҳалрову мақому мансаб афзал.

Маҳалбозе бипурсад аз куҷоӣ?
Бигӯям тоҷикам, аз Тоҷикистон.
Давоми умри Кайковусу Доро,
Нишони зиндагии Оли Сомон.

Бигӯям бо ғурур аз номи Рустам,
Ки як тоҷикписар, як паҳлавонам.
Чу Мавлоно нависам маснавие,
Ки ман аҷдоди суғду ориёнам.

Мапурсам ҳеҷ гоҳе аз куҷоӣ,
Ки бар ҷои ҷавоби ӯ сукун беҳ.
Бигӯям тоҷики бо нангу орам,
Ту ҳам доим ба роҳи ман қадам неҳ.

Шавад чун роҳҳои мо кушода,
Бигардад насли мо аз нав зиёда.
Маҳал аз вожаи мо дур гардад,
Ҳаёту зиндагӣ пурнур гардад.

## СУХАН

Сухан ифшогари кулли маонӣ,
Бимонад то абад он ҷовидонӣ.
Сухан покизаю арзанда гӯӣ,
Намирӣ, балки умре зинда монӣ.

Сухан моро ба мисли ҷисму ҷон аст,
Равон асту калом асту тавон аст.
Агар айби касеро рӯ ба рӯяш
Бигӯӣ рост, заҳри ҷисму ҷон аст.

Суханро босафою суфта гӯянд,
Каломи одамият пурфурӯғ аст.
Агар бепардаю носуфта гӯянд,
Ба хубӣ нисфи он пур аз дурӯғ аст.

Сухан волотар аз нарху навоест,
Чу дору бар тани одам давоест.
Сухан дониста гӯ бар дилбари хеш,
Вагарна он ҳавасҳою ҳавоест.

Зи сардӣ гарм созад манзили ёр,
Бисозад мурдаеро зинда дар кор.
Сухан бо қудрату зӯру тавонаш
Раҳо созад ғуломе аз таги дор.

Сухан моро ба одам кард табдил,
Бикард осон сухан сад гуна мушкил.
Забони ноби тоҷик ҷовидон бод,
Сухан дурдонаи давру замон бод.

## ЗАМОНЕ

Ба дастам дасти ёре буд замоне,
Ғами ишқи нигоре буд замоне.
Зи санги безабон ояд садоҳо,
Ки моро гирудоре буд замоне.
Зи ишқи кӯдакию умри рафта
Фақат монда ягона он нишоне,
Ҳамон санги лаби дарёи деҳа,
Ки шоҳид буд бар ишқи ниҳоне.
Набуд гар соҳиби гӯё забоне,
Вале буд ҳокими соҳибмаконе,
Агарчи безабон як санги роҳ аст
Кунун таҳкурсии як хонадоне.

## ПОРА

Дилам садпора шуд аз дарди пора,
Намедонам чиҳо созам, чӣ чора.
Муаллим пора гӯяд кам-каму беш,
Диҳӣ пора, равӣ ҳар як идора.
Ба пора шуд ҳама, гӯянд мардум,
Равӣ бозору бар ҳар пушту бора.
Занатро гар намебахшӣ ту пора,
Барои ту ягон парво надора.
Таоме бар ту нанмуда муҳайё,
Нашӯяд як либосат дар тағора.

Ба говат ту надодӣ гарчи пора,
Алаф, коҳу силосу кунҷ-ора.
Набинӣ ширу қаймоқеву ҷурғот,
Наёбӣ ҳеҷ илоҷерову чора.
Аҷаб шуд як замоне, эй рафиқон,
Ба бозоре намонда нархи арзон.
Ҳама инро сабаб ин порахорист,
Вале бар порахур бозор гардон.
Бидеҳ бар порахорон адлу инсоф,
Худои меҳрубон, бо як ишора
Бикун гум пораро аз дори дунё,
Ва ё аз кишвари ман дар канора.

## ХАЙРБОД

Бо садои занги охир ин замон
Гашта мо бар зиндагии нав равон.
Кӯдакию тифлии мо, хайрбод,
Кӯдакӣ рафту кунун мо навҷавон.

Эй дару девори мактаб, хайрбод,
Ҳавлии гулзори мактаб, хайрбод,
Хайрбод, омӯзгори меҳрубон,
Ёри кокулдори мактаб хайрбод.

Эй муаллим, тори мӯят шуд сафед,
Лек ҳаргиз ту набудӣ ноумед.
Илму донишро бидодӣ баҳри ман,
Ман ҷавон гаштам, ту гаштӣ мӯсафед.

Кӯдакию давраи ишқу шубоб
Гӯӣ чун андар назарҳо буд азоб.
Лек он айёми хуби зиндагӣ
Будааст акнун бидонистам чӣ боб.

Он нигаҳҳои ниҳонӣ, хайрбод,
Хатнависӣ номахонӣ, хайрбод.
Шаб нахуфтанҳо ба айёми баҳор,
Дидани он ёри ҷонӣ хайрбод.

Хайрбоди ишқи ёри кӯдакӣ,
Хайрбоди гирудори кӯдакӣ.
Раҳнамои роҳи нав гардад ба мо
Шеърҳои пандбори Рӯдакӣ.

**БА КАСИФ**

Нокаси ҳардамхаёли фитнагар,
Рӯбаҳи зарди касифи ҳиллагар.
Бар ҳама нопокҳо ту қодирӣ,
Гаштаӣ ту аз Худо ҳам бехабар.

Панҷ вақт арчи ту бигзорӣ намоз,
Мекунӣ аз ин амал бас фахру ноз.
Бехабар ҳастӣ ту аз Раббу расул,
Беҳтар он, ки нафси худ ором соз.

Хӯрдаӣ ту аз азал нони ҳаром,
Кардаӣ аз моли мардум пур ту ком.
Ин қадар бар одамон ҳастӣ ҳасуд,
Оқибат корат бимонад нотамом.

Гарчӣ дода Эзид аз баҳрат адаб,
Доимо беморию ҳастӣ ба таб.
Лек ҳастӣ гӯиё ту бехабар,
То хабар ёбӣ, ки ҷон ояд ба лаб.

Гарчӣ болои танат дорӣ ту сар,
Хастаю бе болу думбӣ мисли хар.
Бехудо ҳастӣ ту андар ин ҷаҳон,
Бадтар аз безориву оқи падар.

Аз азал ту хӯрдаӣ нони ҳаром,
То ба ҳоло монда дар ин ҷода гом.
Лек нафси ту аз ин қонеъ нашуд,
Тӯъмаҳо дорӣ ту аз нафси ҳаром.

Эй сияҳдил, ҳадди худро ту бидон,
Ғайбати ноҳақ макун бар одамон.
Гарчӣ ту доро шудӣ аз моли халқ,
Дасттангам, нони покам дар даҳон.

## ХОМАИ БИШКАСТАИ МУҲОҶИР

Хомаам бишкаст аз сӯзу ғами паймонаам,
То нависам ман ба модар рӯи дафтар номаам.
То ки донад модарам, ман дар ғарибӣ доимо,
Дар дилам дорам ҳамеша меҳри ӯ, ҳам хонаам.
То расонад ӯ саломи ин дили саршори ишқ,
Духтари ҳамсояро к-ӯ ҳаст он ҷононаам.
То бидонад духтарак аз модарам аҳволи ман,
Ман ғарибам, дар суроғи обу нону донаам.
Мебиёям дар бари он модари раҳинтизор,
Чунки дар ин марзу бум ман бекасу бегонаам.
Ҷаҳд бинмудам нависам номаамро то ахир,
Баста ман бо латтае маҳкам миёни хомаам.
Бо азобе ман ба модар номаам кардам тамом,
Қавл додам, ки биёям як замон бар хонаам.

## АРЗИ МУСОФИР

Мусофир ҳастаму ду по ба занҷир,
Шудам дур аз ватан бо ҳукми тақдир.
Ҷавонам, лек дар шаҳри ғарибӣ
Шудам аз ғуссаву ғам бармаҳал пир.
Ғарибиҳо насибам гашта будаст,
Шудам дар ёди модар зору дилгир.
Зи ҳоли модари бемору пирам
Набитвонам хабар гирам, чӣ тадбир?!
Дилам хун гашта аз ишқу ҷудоӣ,
Ғами дилбар гузашт аз сина чун тир.
Ба ёди дилбари раҳинтизорам
Нависам рӯзу шаб ҳасрат ба тафсир.
Шудам дилгир аз дасти ғарибӣ,
Валекин бар касе накшодаам сир.

Гузаштам аз зару аз моли дунё,
Падарҷон, бар Ватан оям чу як тир.

## АФСӮС

Нишаста бар хаёле ғӯтавар ту,
Намедонам чиро бар ёд орӣ.
Магар ту гаштаӣ акнун пушаймон,
Ки ишқи аввалам бар бод орӣ.
Магар ёд оварӣ ту он ҷавонро,
Ки аз ту хонаи ишқаш буд обод.
Валекин дер шуд ҳайҳот, ҳайҳот.
Ҳама он даври ширин рафт барбод.
Ҳазорон орзу созӣ ҳам, аммо
Нагардад хонаи ишқи ту обод.
Нишинӣ то ба кай хотирпарешон,
Надорӣ ҳеҷ бар коре ту имкон.
Биҷӯй ӯрову пайдо кун ту имрӯз
Ки шояд гаштааст ӯ ҳам пушаймон.
Ки шояд дар дили ӯ ишқи ҷовид
Фурӯзон аст чун хуршеди тобон.
Машав дилмондаву пайдо кун ӯро,
Ту бояд маслиҳат пурсӣ зи ёрон.
Агар ёбӣ, бигираш ту ба оғӯш,
Чу гулҳои базеби ишқи печон.
Ки то бори дигар аз ту наранҷад
Ҳамеша дӯст дораш чун баҳорон.

## АРМОН

Қалам дар дастаму аз қалбу ҷонам,
Зи қалби нотавону хунчаконам
Сияҳ созам ман ин коғаз ҳамеша,
Зи армонҳои пурдарди ниҳонам.
Ба рӯи коғаз орам қиссаю шеър
Ба самъи мардуми олам расонам.
Ҳама дарду ғами дунёи фонӣ
Шикофад тирсон ин ҷисму ҷонам.

Агарчанде надидам умри бисёр,
Валекин ман заифу нотавонам.
Зи бедоду аламҳои замона
Бувад бе тир ин тиру камонам.
Нагардад ҳоҷатат иҷро, агар ту
Наӣ доро, илоҷашро надонам.
Кашам оҳу хурам афсӯс гоҳе,
Ки ман фарзанди ин давру замонам.
Аё Парвардигоро, шукри беҳад,
Ки аз дасти замона дар амонам.
Зи дасти нокасону базлагӯён
Бишуд барбод ин умри ҷавонам.
Агарчӣ пеши роҳи ман бубастанд,
Ба роҳи зиндагонӣ дар намонам.
Валекин пас наояд умри рафта,
Ки аз нав бишканам сад ормонам.

## АСРОР

Тахтаи шаҳмотро бинмо нигоҳ,
Нимае испеду он ниме сиёҳ.
Зиндагии одамӣ ҳам мисли он
Доимо пурпечутобу бекарон.
Аспсон гоҳе равад чун ҳарфи ге,
Пеши роҳаш тоза созад дигаре.
Мисли фарзин ҳар тараф ӯ медавад,
Гаҳ ба пушти тӯра пинҳон мешавад.

## ТАЗОД

Доимо рӯи замини бекарон
Одамият дар ҳаёти ҷовидон.
Бахри рӯзӣ мекунад ҷаҳду ҷадал,
Бехабар бар ӯ расад рӯзе аҷал.
Аз барои нафс бо ҳар роҳу рӯ
Доимо ӯ дар такопӯ, ҷустуҷӯ.
Он якеро пораи ноне бас аст,
Дигареро қасру айвоне хас аст.

## ОРЗУ

Чун марди соил ҳастаму
Як бурда нонам орзӯст.
Дунёӣ кам дидам, вале
Сайри ҷаҳонам орзӯст.
Воҳасрат аз дунёи дун,
Мардум шуда гӯё ҷунун,
Аз ин ҳама серам кунун,
Марги равонам орзӯст.
Бошад агар вайронае,
Зебосанам, ҷононае,
Ғайри ҳама чизи ҷаҳон
Ишқи ҷавонам орзӯст.
Умри ҷавониям гузашт,
Дунёи фониям гузашт.
Мисли шамоли даргузар,
Ин зиндагониям гузашт.
Як раҳнаварди хастае,
Чун киштии бишкастае,
Дар байни ин баҳри дамон
Як бодбонам орзӯст.

## РОҲҲО

Одамӣ ҷовид асло нест, инро ту бидон,
Кори некон доимо вирди забони одамон.
Роҳ моро мебарад бар манзилу кӯҳи мурод,
Чунки дорад ибтидое ҳам зи ину ҳам зи он.

Роҳҳо, пайроҳаҳо пайвастаи дилҳои мо,
Сохтмони роҳи нав моро барад бар дурҳо.
Раҳ бувад бар одамият ҳам ҳаёту ҳам мамот,
Аз ҳама бунбасту аз нокомҳо бидҳад наҷот.

Роҳ иқболу ҳама армони ту илқо кунад,
Ишқу армони туро аз роҳи дил пайдо кунад.
Гар пуле пайваста созад соҳилони рудро,
Раҳ бароят дӯстони нав ба нав пайдо кунад.

Умри одам бигзарад, кораш бимонад ҷовидон,
Одамиро мебарад раҳ аз каноре бар карон.
Ҳар касе роҳе бино созад ба мулки тоҷикон,
То абад ҷовид монад номи ӯ дар ин ҷаҳон.

Роҳ инсонро барад бар манзилу бар сӯи бахт,
Гар ба мулке нест роҳ, он мулк дорад рӯзи сахт.
Кишваре, ки роҳи он паҳноварасту бекарон,
Иқтидори он бувад боло ба мисли тоҷу тахт.

## ИЛТИҶО

*Зории писар ба падари муҳоҷираш ҳангоми гусел дар фурудгоҳ*

Падар, як илтиҷо дорам:
Марав ту аз канори ман.
Бимонам бе ту ман танҳо,
Хазон гардад баҳори ман.
Марав, ки меравад бо ту
Ҳама сабру қарори ман.
Даме ин илтиҷо бишнав,
Нигар бар ҳоли зори ман.
Ҳама меҳру вафоятро
Намуда ту нисори ман.
Бимон бо хонумони хеш,
Марав ту аз диёри ман.
Кунам меҳнат ба ҷои ту,
Барӣ лаззат зи кори ман.
Ба домодӣ расам рӯзе,
Расад бар васл ёри ман.
Ту медодӣ дуои нек,
Марою бар нигори ман.
Ту бошӣ соябони сар,
Ҳама авҷу барори ман.
Нарав, ки мешавад пурнам
Ду чашми интизори ман.

Ба роҳат интизори ту
Шавад чашмони чори ман.
Падар, як илтиҷо дорам:
Марав ту аз канори ман.
Бимонам бе ту ман танҳо,
Хазон гардад баҳори ман.
Маё баъде, ки ман мурдам,
Ба ҳасрат дар мазори ман.

## СОЛИ НАВ

Соли Нав бо файзу нерӯи дигар
Омада бо барфу борон пушти дар.
Хонаи мардум фаровонӣ кунад,
Нархи коло пасту арзонӣ кунад.
Оварад навхонагонро бахту тахт,
Бенаво гардад ҷудо аз рӯзи сахт.
Э Худо, дар Соли Нав бахшо ба мо
Бахту иқболи накӯ беинтиҳо.
Эй муҳоҷирҳо, биёед аз дигар
Бар канори кишвари зебои ман.
То ҳама якҷону дил, якҷо шавем,
Каф ба каф бар ҷониби фардо равем.
Карда зебо сарзамини тоҷикон,
Номи тоҷикро намуда ҷовидон.
Соли нав бо нусрату иқболи нав
Ворид андар Тоҷикистонам бишав.

## БИЁ БАР ХОҶА ОБИ ГАРМ

Чӣ хушобу ҳаво бошад,
Ба дарди ту даво бошад.
Маҷӯ дармони дарди хеш,
Биё бар Хоҷа Оби Гарм.

Зи бӯю накҳаташ, эй ҷон,
Садои булбули хушхон
Биосояд тану ҷонат,
Биё бар Хоҷа Оби Гарм.

Давобахш аст буғ ин ҷо,
Шифобахшанда аст обаш,
Ба дилҳо равшанӣ бахшад
Шабонгаҳ нури маҳтобаш.

Биё бар Хоҷа Оби Гарм,
Биёбӣ ту шифо ин ҷо.
Асабҳо мешавад ором,
Даво ёбӣ зи дарди по.

Ки то роҳат кунад ҷонат,
Биё бар Хоҷа Оби Гарм.
Ба тан роҳатфизо бошад
Ҳавои гарму сарду нарм.

Аҷаб кайфу сафо дорад,
Ба дил нуру зиё орад,
Ҳавояш бар танат форад,
Биё бар Хоҷа Оби Гарм,
Биё бар Хоҷа Оби Гарм.

## ИШҚИ КӮДАКӢ

Хома гирам гар ба дастам, ёди рӯят мекунам,
Ёди он чашмони шаҳлои накӯят мекунам.
Ҳам ҷавонӣ, ишқи рафта, кӯдакию беғамӣ,
Ёди он теғи нигаҳ, ҳам ёди бӯят мекунам.
Дар ҷавонӣ ҳалқа буд гесӯи ту дар гарданам,
Ҳар гаҳе ояд хуморам, ёди мӯят мекунам.
Рафт ишқу навҷавонӣ пайбапай дар роҳи умр,
Пир гаштам, лек доим ёди кӯят мекунам.
Ҳар касе бадхоҳи ту бошад, адӯяш хондаам,
Гар шавад лозим, рақобат бо адӯят мекунам.
Гуфт Сармад: гар ҷавонӣ оядам бори дигар,
Мисли як оби равон худро ба ҷӯят мекунам.

## ГУФТУГӮ БО РАСМИ ДИЛБАР

Нишаста рӯ ба рӯ бо расми зебо,
Ба ёд орам зи айёми гузашта,
Ба ёд орам аз он даврони ширин,
Ҳам аз он номаҳои нонавишта.
Ба ёд орам аз он шаб, ки ману ту
Шуда якҷо чу ду шохоби дарё,
Кунун ҳарду ба роҳи худ равонем,
Ҳамин будаст, эй ҷон, амри дунё.
Ба ёд орам, ки гармии лабонат
Чунон мадҳушу беёдам намуданд.
Гумонам буд, ки дар ин лаҳзаи умр
Ҳама дарду ғамам аз ман рабуданд.
Кунун дур аз ту ман дар ёди рӯят
Шабу рӯзу дақиқа мешуморам.
Фаро кай мерасад он рӯзи мақсад,
Барои дидани ту беқарорам.

## ЭҲСОС

Дил бихоҳад сабаби ишқи ниҳонаш бошам,
Бори дигар ба раҳи ӯ нигаронаш бошам.
Гарчи синнам бигузашта зи чиҳил соли дигар,
Боз хоҳам, ки зи нав марҳами ҷонаш бошам.
Гарчӣ бар мӯи сарам ранги сафед аз пирист,
Шармсорам биравам ёри ҷавонаш бошам.
Чун чароғе, ки фурӯзонӣ кунад шому саҳар,
Шӯълаафкан ба дилу ҷону маконаш бошам.
Ончунон дар раҳи ишқаш бишавам хору кабоб,
Ки ба ҳар лаҳза варо вирди забонаш бошам.
Лек Сармад надиҳад тан ба нишони пирӣ,
Доимо шефтаи даври лабонаш бошам.
Ҳар гаҳе ташналабонаш бишавад ҷониби ман,
Мисли обе зи лаби чашма равонаш бошам.

## ШАБИ ЯЛДО

Аҷалро чун хабар кардам,
Ҳама хуни ҷигар кардам.
Шабе ман болиши худро
Зи оби дида тар кардам.
Намурдам, зистам, аммо
Шаби худро саҳар кардам.
Хаёлан он шаби ялдо
Сари танҳо сафар кардам.
Тамоми гирди оламро
Хаёлан ман гузар кардам.
Сафар сӯи само карда,
Заминро чун назар кардам.
Бидида фитнаи дунё,
Зи одамҳо ҳазар кардам.
Бидида ин ҳама рӯъё,
Гуноҳе ман магар кардам?!
Задам ман ончунон фарёд,
Фалакро гӯши кар кардам.
Битарсида зи марги хеш,
Футӯҳи қулфи дар кардам.

## ДОД АЗ ДАСТИ АҶАЛ

Гар намеояд аҷал пушти дарам,
Номи ту то бар сурайё мебарам.
Лекин афсӯсу надомат эй азиз,
Меравем аз ин ҷаҳон мою ту низ.
Чун дар ин олам намонда ҷовидон
Одаму пайғамбари охирзамон.
Монда номи он касе бар ҷовидон,
Кори некӯе кунад бар одамон.
Номи доро ҳам намонад дар ҷаҳон,
Ҳам гадою нотавону паҳлавон.
Гар аҷал ояд кунун пушти дарам,
Пеши пояш мегузорам ман сарам.

Андар ин дунёи пурмакру ҳиял,
Мурданам беҳ бошад аз дасти аҷал.

## ЗИНДАГИРО ДӮСТ ДОРЕД

Зиндагиро дӯст доред
Бо ҳама гармию сардаш.
Зиндагиро дӯст доред
Бо ҳама андӯҳу дардаш.
Ҳам зи пастию баландиҳои он,
Пирамардони касони босаховат,
Бо касону нокасону марду номардаш
Шукр карда додаю нододаҳои зиндагӣ
Ҳам зи омадҳою н-омадҳою
Ҳам аз хавфу аз маргаш
Зиндагиро бо ҳама он хоку гардаш
Мардумашро бо ҳама кирдору кардаш
Мазлумонашро ҳама бо ранги зардаш
Зиндагиро бо ҳама бунёду фардаш
Аз дилу ҷон дӯст доред,
Дӯст доред!

## ЧАКИДАҲОИ ДИЛ

Хомҳоро пухта гуфтем,
Суфтаро носуфта гуфтем.
Ҳар гадое шуд тавонгар,
Гуфтаро ногуфта гуфтем.

* * *

Хонаи дил, хонаи ободи ман,
Дилбари ман, бахти Эзаддоди ман.
Ишқи ман рафтаст аз дилҳо, вале
Нест ором ин дили ношоди ман.

* * *

«Дилам дарёст, соҳилҳо куҷоед»,
Ки дур аз ҳамдигар охир чароед.
Дили дарёиям доим ба ғам ҳаст,
Чаро боре Шумо наздам наоед.

* * *

Одамӣ як бор меояд ба даҳр,
Ҳар нафас бошад барои ӯ азиз.
Одамӣ ояд ба дунё баҳри ишқ,
Не барои молу не аз баҳри чиз.

* * *

Диламро додаӣ озор, эй гул,
Фурӯшӣ дил ба ҳар бозор, эй гул,
Вафодорӣ набошад кори нокас,
Ки бошад байни мо девор, эй гул.

* * *

Бимон як умр паҳлӯи ту бошам,
Фидои чашми оҳуи ту бошам.
Чу афтад теғи миҷгонат ба чашмам,
Ғулому бандаи рӯи ту бошам.

* * *

Ман наям шоир на носир аз адам,
Дарди миллат дода бар дастам қалам.
Менависам ҳар чӣ бахшояд Худо:
Ҳам муҳаббат, ҳам саодат, ҳам алам.

* * *

Эй Холиқи ҷисму ҷон, ҳунарҳо кардӣ,
Бар мо ҳама чизро муҳайё кардӣ.
Ин хоки замину осмон, меҳри мунир,
Лек умри дурӯзаро таманно кардӣ.

* * *

Гар хуморӣ мешавам дар ёди деҳ,
Ин дили ман ёди модар мекунад.
Ишқи дерин боз меорад ба ёд,
Ёди тифлӣ, ёди дилбар мекунад.

* * *

Ғами дунё сару охир надорад,
Ғами одам фақат одам барорад.
Тасаллии бародар бар бародар,
Ғами дерина дар як дам барорад.

* * *

«Сӯҳбати марди накӯ мардат кунад»,
Гӯяд айбат рӯбарӯ, дардат кунад.
Кам нишин бо одами бад, эй ҷавон,
Оқибат ӯ хору номардат кунад.

* * *

Агарчи зодаи кӯҳи баландам,
Бикарда волидони ман калонам.
Вале дар кӯи ёру ишқу ғурбат
Бикардам сахт мағзи устухонам.

* * *

Манам як марди раҳ,
Як марди танҳо.
Гаҳе хобу гаҳе бошам чу рӯъё.
Дар ин вайрона, ғурбатхонаи умр
Равонам бар талоши рӯзи фардо.

* * *

Гар диле озурда созӣ, эй писар,
З-ин сабаб бишнав даме панди падар.
Ҳоҷии даҳри ҳарам бошӣ агар,
Назди Эзид ту нагардӣ мӯътабар.

* * *

Эй гули қоқуи рангат заъфаронӣ,
Рустаӣ сарсабзу зебо дар баҳорон.
Баъди чанде мисли мӯи мӯсафедон,
Мешавад мӯят сафеду дил пурармон.

* * *

Кабӯтар мепарад дар рӯи олам,
Ки орад сулҳ бар фарзанди одам,
Валекин одамони нохудогоҳ
Бурун аз одамият гашта гумроҳ.

* * *

Қатраҳои лахтаи хуни дилам
Оварам бар рӯи коғаз бо қалам.
Донӣ ту носозии дунёи дун,
Мехурӣ афсӯсу ҳасрат бо алам.

* * *

Муборак ҷашни истиқлоли тоҷик,
Шукӯҳу равнақу иқболи тоҷик.
Муборак тоҷиконро номаи бахт,
Раҳобахшандаи ҳар мушкилу сахт.

* * *

Ту ки пайғамбари яктои моӣ,
Барои бехудоён раҳнамоӣ.
Дар ин баҳри калони зиндагонӣ
Барои киштии мо нохудоӣ.

* * *

Дирафши Коваёнӣ ҷовидонӣ,
Нишони заҳмати Эмоми сонӣ.
Ба аксар вақт ҷонат бар гарав буд,
Ки то рӯзи абад ҷовид монӣ.

* * *

Фарзанди азизи ҷон Худо дода маро,
Панҷ ахтари меҳрубону озода маро.
Бархезу бизан нағмаи соз, эй мутриб,
Ин ҳамсари ман кунун писар зода маро.

* * *

Гарчи Искандар бибурда ганҷи Доро,
Тоҷи тоҷик зери по шуд дар Бухоро.
Лек тоҷик то кунун бо душмани хеш
Ҷанг нокарда кунад доим мадоро.

* * *

Ҳасрати дидори модар бас набуд,
Рӯзи ғам кардӣ, ту нокас, нокасӣ.
Гарчӣ соҳибмансаб астӣ, эй разил,
Назди Эзид мисли як хору хасӣ.

* * *

Аён гардад ҳама асрори олам,
Намегардад аён сирри дили ман.
Баҳорам рафта дар фасли хазонрез,
Ба тобистон бихушкида гили ман.

* * *

Илҳоми хаёли ман бувад дар парвоз,
Аз рӯи ҳақиқату ҳам аз рӯи маҷоз.
Доим пари худ кушода дар арзу само,
Омода бувад ҳамеша бар розу ниёз.

* * *

Чаро тарки вафо кардӣ, нигорам,
Ғами ишқи ту карда беқарорам.
Ду-се рӯзе ки дурам аз ту, ҷоно,
Илоҷи ҳиҷри ту валло надорам.

* * *

Эй муҳаббат, ишқу армонам туӣ,
Марҳами ҷон, ишқи сӯзонам туӣ.
Гар шавам бемору гардам бистарӣ,
Эй муҳаббат, дарду дармонам туӣ.

* * *

Дидагонам дар раҳи ту чор шуд,
Ин дили ман дар ғами ту зор шуд.
Омадӣ, шуд хонаам нурофарин,
Ҳавлиям дар як замон гулзор шуд.

* * *

Ғаму шодӣ ба олам бебақо нест,
Балову ҳам фаровонӣ зи мо нест.
Агар созӣ қаноат бар каму беш,
Ту доро ҳастиву номат гадо нест.

* * *

Ёри нонӣ оқибат хорат кунад,
Тӯҳмату бӯҳтони бисёрат кунад.
Гар зи ту бар ӯ набошад манфиат,
Нисбатад ҳар гоҳ ҳаққорат кунад.

* * *

Кулбаи ободи ту рӯзе баногоҳ
Аз шарори оташи қалбам бисӯзад.
Оҳу афғони ҷавонии гузашта,
Чун шабеҳе ҷониби ту дида дӯзад.

* * *

Ин ҷаҳонро одамият мард бошад,
Дигаре дар ин ҷаҳон бедард бошад.
Севумӣ бошад ба фикри ҷоҳу сарват,
Он дигар аз зиндагӣ дилсард бошад.

* * *

Намудам ман назора сӯи расме,
Дарахте дидамаш бешоху бебарг.
Ҳақиру нотавон гаштам аз ин ҳол,
Ба ёд омад маро аз мотаму марг.

* * *

Ҳарчанд, ки ин ҷамоа аз фарти гаванд,
Гуфтанду бигӯему бигӯянду раванд,
Дардову надомато, ки ин аҳли кибор
Аз кардаи худ ҳеҷ пушаймон нашаванд.

* * *

Аё эй махзани дурру маонӣ,
Сафобахши ҳаёту зиндагонӣ.
Аё эй зан, аё эй маҳзари ишқ,
Ба олам доимо ҷовид монӣ.

* * *

Забони модариро хор кардем,
Забони кӯчаю бозор кардем.
Зи алфози қабеҳу номуносиб
Тамоми одамон безор кардем.

* * *

Зиндагӣ зебову сард аст,
Зиндагӣ андӯҳу дард аст.
Зиндагӣ ҳам неку ҳам бад,
Зиндагӣ ҷои набард аст.

* * *

Афсарам, афсари халқу Ватанам,
Зодаи марзу буми ин чаманам.
Мекунам ҳифзу ҳимоят ба танам,
То адӯяш нарасонад зараре,
Чашми худ аз бари марзаш наканам.

* * *

Замин эй мазраи хоку гили ман,
Бақои хонадону манзили ман.
Агарчи рафтааст ишқу ҷавонӣ,
Вале ишқи ту бошад дар дили ман.
Замин сайёра не гаҳвораи ман,
Ту ҳастӣ ҷисми ман, як пораи ман.

* * *

Дидор дар қиёмат, эй модари азизам,
Баҳрат таронаҳову шеъру ғазал нависам.

* * *

Гар савори мансабӣ, гоҳе Худоро ёд кун,
В-арна ин чархи фалак бар оқибат хорат кунад.
Ғарраи молу пули дунёи дун ҳаргиз машав,
Оқибат бар луқмаи нон дар ҷаҳон зорат кунад.

* * *

Қисса ояд бар хаёлам, менависам наср ман,
Шеър ояд гар ба фикрам, шеър эҷоде кунам.
Ин дили ман талх нолад дар фироқи зиндагӣ,
То дилам аз ғам натаркад, оҳу фарёде кунам.

* * *

Ношукриямон гузашт, бас хор шудем,
Нон дода ба гав, ба нони ҷав зор шудем.
Не ҳурмати нон кардаю не ҳурмати кас,
Бо ҳукми Худо ба ғам гирифтор шудем.

* * *

Гар ба дарё сел ояд, санги хоро мебарад,
Камбағал аз бенавоӣ ранҷи доро мебарад.
Одам аз рӯзи азал душман бувад бар одамӣ,
Аҷнабӣ аз кишвари мо ганҷу тилло мебарад.

* * *

Бод ларзонад саратро, мешавад тухмат парешон,
То ки аз нав сар барорад майсаат андар баҳорон.
Аз ғаму ҳасрат намонад дар сарат як тора мӯе,
Дар фазо гардад парешон, ҳамчунин дар оби ҷӯе.

* * *

Орзуям ҳар замоне дидани дидори дӯст,
Ҳастии арзу само аз дасти қудратбори ӯст.

* * *

Тарк бинмудӣ ту мову рафтӣ аз дори ҷаҳон,
Лек дар қалби азизон, номи некат ҷовидон.
Дар қиёмат монд дидор, оҳ, то рӯзи шумор,
Алвидоъ эй модарам, эй модари ширинзабон.

* * *

Гар бисозад олиме тарки ҷаҳони даргузар,
Мешавад овозаи дунё ба зудӣ ин хабар.
Модаре чун бармаҳал фавтид аз дасти аҷал,
Мисли он бошад, ки бубридӣ дарахте бо табар.

* * *

Сармад, ту маяндеш аз ин фитнаи дунё,
Дар саҷда шаву зикр намо номи Худоро.
Бархе бикунад фахр аз ин сарвати олам,
Нохонда вале қиссаи Искандару Доро.



**Афсар Сармад** (Ҳамроев Бӯрӣ Сарматович) 23 марти соли 1964 дар деҳаи Пули Гирдоби ҷамоаи Моғиёни ноҳияи Панҷакент дар хонаводаи марди деҳқон Ҳоҷӣ Сармад Ҳамроҳзода ва Бибишарофат ба дунё омадааст.

Соли 1981 мактаби миёнаи №8 ба номи Синои ҳамин ноҳияро ба итмом расонида, соли 1987 Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодчӣ-ташкилотчӣ хатм намудааст.

Аз соли 1987 то соли 1992 дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии иқтисодӣ аввал ба ҳайси корманди илмӣ кор карда баъд аспиранти ҳамин муассиса буд.

Афсар Сармад полковники хадамоти гумрукӣ буда, дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи сентябри соли 1992 фаъолият менамояд. Аз вазифаи нозири калони шӯъбаи барасмиятдарорӣ сар карда то вазифаи муовини сардори гумруки истгоҳи Душанбе 2 фаъолият намудааст. Дар раёсатҳои ташкили назорати гумрукӣ, таҳлил ва омори гумрукӣ, ташкилию бозрасӣ ифои вазифа намуда, айни замон сардори Шӯъбаи таҳлилию ҷамъбастии Раёсати ташкилию бозрасӣ мебошад.

Ӯ тӯли давраи фаъолияти кориаш дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду тараққиёти соҳаи гумрук корҳои назаррасеро ба анҷом расонидааст. Бо иштироки бевоситаи ӯ матни Кодекси гумрук ба забони давлатӣ таҳия гардидааст. Инчунин ӯ дар таҳияи зиёда аз панҷоҳ адад санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ саҳми худро гузоштааст.

Ба омилҳое, ки ба натиҷаи фаъолияти гумрук таъсири мусбат мерасонанд, диққати махсус медиҳад ва нисбати

бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук корҳои зиёдеро ба анҷом расонида, дар омӯзонидан ва тарбияи кормандони ҷавон донишу малакаи худро пурра сафарбар менамояд.

Барои меҳнати софдилонааш аз ҷониби роҳбарияти мақомоти гумрук бо ифтихорномаю раҳматнома ва мукофотҳо сарфароз гардонида шуда, бо нишони сарисинагии «Аълочии гумрук» қадр карда шудааст.

Дар вақтҳои фориғ аз кор ба эҷоди қиссаю ҳикоя ва шеър машғул мешавад. Эҷодиёти Афсар Сармад асосан мавзӯъҳои Ватану диёр, меҳанпарастию инсондӯстиро дар бар гирифта маҳсули эҷодаш дар рӯзномаҳои «Зиндагӣ», «Фараж», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Оила», «СССР», «Наҷот», «Тоҷикистон» ва ғайраҳо ба табъ расидааст.

## МУНДАРИҶА

Ба ҷои пешгуфтор .......... 3
Савти истиқлол .......... 4
Наврӯзи истиқлол .......... 6
Ватан .......... 7
Тоҷикони ҷаҳон .......... 8
Тоҷикистон .......... 9
Парчами тоҷик .......... 10
Меҳрнома .......... 10
Роғуннома .......... 16
Даъват .......... 20
Дуэти Роғун .......... 21
Гимни гумрукчӣ .......... 22
Иди гумрукчӣ муборак .......... 22
Рӯдакӣ .......... 23
Душанбе .......... 24
Раҳнавард .......... 25
Ман ҷавонам .......... 25
Фархундакеш .......... 26
Мунодии сулҳ .......... 33
Ёди Лоиқ .......... 35
Шеъри Лоиқ .......... 35
Ба Лоиқ .......... 36
Сафои сураи Қуръон .......... 37
Сари баланд .......... 37
Пири Хуросон .......... 38
Охирин аскари ҷанг .......... 39
Ба устод Абдурофеъ Рабизода .......... 40
Пайрави падар .......... 41
Шод бошад рӯҳи ту .......... 42
Дар ёди падар .......... 42
Хайрбоди муаллима .......... 43
Навҳа .......... 43
Дуои падар .......... 44
Падарҷон .......... 45
Ба модарам .......... 46
Ҷонам фидои модар .......... 47
Марсия ба модар .......... 48
Модар .......... 48
Модарам. .......... 49

Ёди модар мекунам. .......................................................... 49
Фаришта ............................................................................ 50
Шукрона ............................................................................ 50
Ба ҳамасарам ...................................................................... 51
Нишони зиндагӣ ................................................................... 52
Моғиён.............................................................................. 53
Деҳи ман............................................................................ 53
Ниёиш ............................................................................... 54
Ҳушдор .............................................................................. 55
Хоби ғафлат ....................................................................... 55
Масҷид.............................................................................. 56
Панд ................................................................................. 57
Ҳасрат .............................................................................. 58
Умри одам ......................................................................... 59
Ёди гузашта........................................................................ 60
Коргар .............................................................................. 60
Рӯбаҳак ............................................................................. 61
Ба маҳалбозон .................................................................... 61
Сухан ............................................................................... 62
Замоне.............................................................................. 63
Пора ................................................................................ 63
Хайрбод ............................................................................ 64
Ба касиф............................................................................ 65
Хомаи бишкастаи муҳоҷир.................................................... 66
Арзи мусофир ..................................................................... 66
Афсӯс ............................................................................... 67
Армон ............................................................................... 67
Асрор ............................................................................... 68
Тазод ............................................................................... 68
Орзу ................................................................................. 69
Роҳҳо................................................................................ 69
Илтиҷо .............................................................................. 70
Соли нав ............................................................................ 71
Биё ба Хоҷа оби гарм ........................................................... 71
Ишқи кӯдакӣ ...................................................................... 72
Гуфтугӯ бо расми дилбар...................................................... 73
Эҳсос................................................................................ 73
Шаби ялдо ......................................................................... 74
Дод аз дасти аҷал ................................................................ 74
Зиндагиро дӯст доред........................................................... 75
Чакидаҳои дил .................................................................... 75

**Афсар Сармад**

**САВТИ ИСТИҚЛОЛ**
*(Маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 26.08.2011 супорида шуд.
Чопаш 29.08.2011 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 13,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар матбааи ҶДММ «Мир издателей» чоп шудааст.